Гулчеҳра Муҳаммадиева

# НАВҲАИ АСП



Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-34

Муҳаррир: *Зиё Абдулло*

Рассом: *Олга Шемелина*

М-34 **Гулчеҳра Муҳаммадиева. Навҳаи асп.** *(Масал ва ҳикояҳо барои бачаҳо, наврасон ва ҷавонон).* – Душанбе, «Адиб», 2016, 96 саҳ.

ISBN 978-99947-2-471-0

© Нашриёти «Адиб», 2016

## АЗ МУАЛЛИФ

Мегӯянд, барои китоб навиштан бояд дарёбӣ: вақти он расидааст, ки ба навиштан оғоз кунӣ, рӯи қоғаз биорӣ дидаву карда, шунидаву фаҳмида ва аз чӣ дар ҳайрат монда.

Бале, ин дуруст аст. Бори аввал дар давраи мактабхонӣ қалам ба даст гирифтам. Хабаре навиштам ва дар бораи модар шеър гуфтам. Ҳарду дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» чоп шуданд.

Аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ аз ҳамсолони худ мактуб гирифтам. Бо онҳо якчанд сол мукотиба доштем.

Бори дуюм давраи донишҷӯӣ эҳсос кардам, ки бояд нависам, аммо на шеър балки наср. Дар шеър ҳама мақсадамро баён карда наметавонистам. Қолаби шеър бароям тангӣ мекард.

Давраи донишҷӯӣ аъзои маҳфили «Адибони ҷавон» будам. Бо шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб, шоир Маҳзун, нависанда Амиршоҳӣ ва дигарон зери роҳбарии устод Аламхон Кӯчаров эҷод мекардем. Ман ба тарҷума машғул будам ва тарона менавиштам. Дар рӯзномаҳои ҳамонвақта чоп мешуданд.

Баъди хатми донишкада бо дипломи сурх, каме дар мактаб кор кардаму баъд ба корҳои роҳбарӣ интихоб шудам. Хонадор ва соҳиби панҷ фарзандам.

Муддати хеле дароз қаламро як сӯ гузоштам. Агар гӯям, ки оила, фарзандон ва корҳои роҳбариву

ҷамъиятӣ эҷодиёти маро кушт хато мебуд, чунки ман мисли ору аз таҷрибаи зиндагӣ шаҳд гирд овардам. Бисёр дидан ва ба мушоҳидаи нозук нигаристан ҳикояхонаи дили маро пур кард. Ва қаламро мустаҳкам ба даст гирифтам.

Вақте бо аҳли оилаам ба марказ – шаҳри Душанбе кӯч бастем, бо муҳити адабии кишвар наздик шудам ва он шаҳди ҷамъ овардаамро рӯи қоғаз рехтам.

То имрӯз ҳашт китобам, ки ҳикояву қисса ва романанд, рӯи чопро дида ба дасти хонанда расиданд.

Ба адабиёти шумо бачагон, рӯ оварданам ду сабаб дорад.

Рӯзе набераам – Мукаррама, ки синфи панҷ мехонад, гила кард:

– Бибиҷон, чаро шумо барои калонсолон менависеду барои мо бачаҳо не? Ман мехоҳам китобҳои шуморо ба ҳамсинфонам бурда диҳам, ки онҳо хонанд ва ман ба ифтихор бигӯям, ки ин кас бибии мананд.

Сабаби дуюм фестивали Ҷумҳуриявии ҳафтаи китоби кӯдакона буд ва моро ҳамчун меҳмон даъват карданд. Дар вохӯрӣ ва суҳбатҳо муаллимон шикоят мекарданд, ки шоиру нависандагон, мегӯӣ, бачаҳоро фаромӯш карда бошанд, китобҳои бачагона намерасанд, кам менависанд, навиштаҳо низ мушкили чоп доранд.

Ҳамин шуду бо нияти барои шумо асар навиштан қалам ба даст гирифтам. Китоби «Ишораабрӯ» иборат аз масалҳо маҳз барои шумо рӯи чоп омад. Китобе ки ҳоло дар даст доред, бачагони азиз, ба ҳисоби туҳфаи дуюми ман аст ба завқи рӯяндаи зебои шумо.

# МАСАЛҲО

# МОШОН

Бародару хоҳар Лола ва Умар меҳрубони якдигар буданд ва гурбаашон – Мошонро низ баробар дӯст медоштанд. Ҳарсе якҷоя бозӣ мекарданд. Мошон гоҳ болои дастони Умар буду гоҳ сари зонувони Лола. Агар Лола бо кафчааш сари Мошонро сила кунад, Мошон ҳам мияв-миявкунон бо думаш ӯро ба навозиш мегирифт. Рӯзе аз рӯзҳо Мошон гум шуд. Лола ва Умар ин ҷо кофтанд, он ҷо кофтанд, аммо аз гурбаи дӯстдори худ дараке наёфтанд. Онҳо хеле ғамгин шуданд.

Модару падар фарзандонро огоҳ карданд, ки одатан ҳайвонҳо бо ёфтани ҷои хубтар, соҳибони пешинаро фаромӯш мекунанду аз пайи соҳиби нави меҳрубон мешаванд. Барои ҳамин бисёр ғамгин нашаванд.

Наҳорӣ модар болои дастархон косаҳои пури ширчойро назди Лолаву Умар монду:

– Азизонам, чанд рӯз боз шумо дуруст хӯрок намехӯред, ин тавр рафтор накунед, бояд хӯрок хӯрд, – гуфт.

Лола ба ширчой нигаристу Мошонаш ба ёд омад, ки ҳар пагоҳӣ ба ӯ низ шир медоданд. Оби дида карда аз шир хӯрдан даст кашида:

– Модарҷон, охир, ҳар пагоҳӣ Мошон бо мо шир мехӯрд, мумкин ӯ дар кучҷое гушна бошад. Ман бе ӯ шир хӯрдан намехоҳам, – гуфт.

Умар низ суханони Лоларо тасдиқ намуда аз наҳорӣ даст кашид.



Падару модар аз рафтори фарзандонашон даруни худ завқида, ба маънои «ҳоло хомӯш бошем» ба ҳамдигар лаб газиданд. Пас аз наҳорӣ падар хост барои гову гӯсфандҳояшон аз каҳдони болои оғил беда фарорад. Бо зинапоя болои бом бароmаду баъди чанде хурсандона:

– Шодиёна диҳед, фарзандони азизам, Мошонатонро ёфтам, – гуфт.

Лола ва Умар аз хурсандӣ рӯи ҳавлӣ мерақсиданду ба якдигар навбат надода:

– Падарҷон, канӣ Мошон? Ӯро ба мо нишон диҳед, – мегуфтанд.

Модар низ ба онҳо ҳамроҳ шуда хурсандӣ дошт:

– Дадош, чаро Мошон дар каҳдон ҷой кушодааст? Охир, дар айвон ба ӯ беҳтарин ҷойро омода карда будем-ку?

Падар як-ду дарза беда партофта, поён фаромад.

– Падарҷон, магар шумо дурӯғ гуфтед? Чаро Мошонро бо худ наовардед? Охир, гуфтед болои каҳдон аст?

– Оре, фарзандонам, ман Мошонро ёфтам, аммо ӯро назди шумо оварда натавонистам. Охир, Мошон модар шудааст. Чор гурбачаи мисли худаш ала ба дунё овардааст. Ӯ як муддат аз шумо дур меистад. Гурбачаҳояшро каме боқувват карда баъд худаш назди шумо меояд. Мошон рисолати модариашро ба ҷо оварда истодааст. Аввал аз чашми одамон ва баъзе ҳайвонҳо дур, фарзандонашро ба дунё оварда, амнияти онҳоро нигоҳ медорад, – фаҳмонд падар.

Лола ва Умар хурсандона:

– Модарҷон, дар ягон коса шир диҳед, мо назди Мошонамон меҳмонӣ меравем, – гуфтанд.

– Хуб шудааст, фарзандонам, – гуфта модар шитобон ба ошхона даромада дар косае шир гирифта баромад.

– Ман худам, шумо ҳоло хурд ҳастед, боз наафтед, – гуфта падар косаи ширро ба каҳдон бароварда назди Мошон монд.

Баъди чанде овози ширини Мошон ба гӯши Лола ва Умар расид, мегӯӣ миннатдорӣ мекард: – мияв-мияв-мияв…

## РӮЗИ МАВЛУДИ ЗАРГӮШ

Шоҳи ҷангал шер супориш дод:

– Ҳама ҳайвонҳо пагоҳ назди дарахти баландтарин ҷамъ оянд, рӯзи мавлуди заргӯшро қайд мекунем. Ҳама бо тайёрӣ ба ҷашн биёянд.

Ҳайвонҳо яке суруд азёд мекарду, дигаре шеъре дар васфи гӯшдароз эҷод.

Пагоҳӣ аз ҳадядиҳӣ сар шуд:

Хирси качпо: – Ҳаётат мисли асал ширин шавад, – гуфта хурмаи пури асалро ба заргӯш дод. Дигаре мева ва саюмӣ сабзӣ туҳфа оварданд.

Ҷашн ба авҷ баромадан гирифт. Ҳама хурсандӣ мекарданд, яке мерақсиду дуюмӣ суруд мехонд.



Сеюмӣ ифоданок шеъри ба соҳибҷашн бахшидаашро қироат мекард. Маймун бошад чун дорбозон аз навдае ба навдае мепарид.

Шер, ки раиси маърака буд, аз ҳама боло нишаста бо ҳама хурсандӣ мекард. Ногоҳ чашмаш ба рӯбоҳ афтод, ки ӯ норозиёна дум меликонд.

– Ҳа, рӯбоҳ, маъюс менамоӣ, чаро мисли дигарон суруд намехонӣ, намерақсӣ? Магар ҷашн ба ту маъқул нашуд?

– Шоҳаншоҳам, ҷашн маъқулу лекин ҳар сол фақат рӯзи мавлуди заргӯш қайд карда мешавад? Чаро номи мо дар рӯйхати шумо нест? – гуфт.

Густохии рӯбоҳ ба шер маъқул нашуд. Дарқаҳр шуда аз ҷой хест ва таҳдидомез ба ҳар сӯ нигоҳ карда наърае кашид.

Ҳайвонҳо ҳама паси дарахту буттаю тепа пинҳон шуданд. Фақат заргӯш аз тарси зиёд гурехтан чи ки, ҷунбидан натавонист ва бедвор ларзида аз шер узр пурсид.

– Шоҳам, дар рӯзи мавлуди ман оё рӯбоҳ шуморо ранҷонд? Аз номи ӯ узр мепурсам… – гуфт тарсида-тарсида заргӯш.

Қаҳри шер паст шуд, боз ҳама ҳайвонҳоро даъват карда гуфт:

– Акнун дидед барои чӣ ман заргӯшро дӯст медорам, чунки ӯ ҳалиму меҳрубон аст, ҳамеша ҳисси хатар мебарад. Ман хостам ақаллан дар як сол як маротиба худро озод ҳис кунад, ту бошӣ,

рӯбоҳ, ҳар рӯз ид дорӣ, чунки ту маккор ҳастӣ, якеро фиреб медиҳӣ, ба дуюмӣ дурӯғ мегӯӣ, сеюмиро аз роҳи рост мебарорӣ. Барои ҳамин рӯзи мавлуди ту ҷашн гирифта намешавад, зеро ту ҳамаро ранҷонидаӣ.

Рӯбоҳ фаҳмид, ки «даҳони пӯшида сад тило аст», сархаму хомӯш монд.

## ГУРГИ ДАРАНДА

Ҷонварони ҷангал аз хунрезиҳои гург ба дод омада ба шоҳи ҷангал – шер шикоят бурда, хостанд гургро ба суд кашанд, ки ӯро ҷазои дурусте диҳанд.

Суд барпо шуд. Дар курсии айбдорӣ гургро нишонданд ва ӯ ҳам бо сари хам нишаст.

Шикоятгарон як-як ба сухан баромада дил холӣ карданд.

Гавазн шикояти ҳамаро ҷамъбаст карда гуфт:

– Хулоса, аз дасти ин гурги даранда на харгӯш, на мурғ, на гӯсфанд ва на гӯсола рӯз доранд. Чизе аз пешаш омад, меканад, медаронад, мекушад ва хунсор карда мепартояд. Ин ҳамаро ӯ танҳо барои шиками худ не балки барои исботи он мекунад, ки ӯ, дар ҳақиқат, дарандаи бемонанд аст, вагарна як шикамаш бо ними гӯсфанд сер мешавад.

Пешниҳод мекунам, ба гург ҷазои вазнинтарин дода шавад.

Сафедкунанда, ки шағол буд, ба тарафдории гург бархост:

– Муҳтарам раиси суд, оиди гуноҳҳои гург ҳаминро гуфтаниам, ки гурги бечора, дар ҳақиқат, дарандаи бераҳм аст. Аммо як хизмати нозук ҳам дорад; вақте гург дармеафтад, ҳайвоноти сиҳат метавонанд ҷони худро бираҳонанд, вале касалҳошон не, яъне, ӯ хизмати касалхӯрӣ ҳам мекунад. Агар гург чунин намекард, бемории яке ба ҳама рама гузашта рамаро аз байн мебурд.

Пешниҳодам ин, ки ба ӯ ҷазои сабуктар дода шавад.

Раис ба гург сухани охирин дод.

– Муҳтарам раиси суд, гуноҳҳое, ки инон ва газн ба гардани ман бор карданд, на ҳамааш дуруст аст. Ман барои аз гуруснагӣ намурданам ҷонварони аз худам хурдро, ин ҳам агар шароит даст диҳад, луқмаи хеш мекунам ва ин, чунон ки шумо ҳам медонед аз зарурат.

Шоҳаншоҳам, аз Шумо пурсиданиам, ки Одам ҳар чизеро, ки дар рӯи замин мерӯяд, месабзад ва зиндагонӣ мекунад, аз қабили ҳайвон, паранда ва моҳӣ мехӯрад? Мехӯрад. Чаро ӯро барои чунин ҳамахорӣ касе ҷазо намедиҳаду мани бечораро ба сари суд кашидаанд?

Шер пешониашро дошта каме фикр карда, ба саволи гург ҷавобе наёфта, бо ғазаб:

– Гург, туро ба Одам чӣ кор? Одам имрӯз на танҳо замин, балки ба осмон низ даст бурдааст. Бо сари хам гаштан гир! Аз зинда буданат шукр гӯй! Набошад, Одам на танҳо ту, ҳатто ҷангалҳоро бо тамоми ҳайвонҳояш метавонад нест кунад. Фаҳмидӣ?

Гург дуқад шуда:

– Фаҳмидам, шоҳаншоҳам, фаҳмидам, – гуфт.

Шер аз ҷой бовиқор хеста:

– Гург, тез аз назарам гум шав, ки афту башараи хунукатро набинам, – гуфта бо ҳарос ба гирду атроф нигарист, ки мабодо Одам саволи гургро нашунида бошад.

## ЧОҲКАН – ЗЕРИ ЧОҲ

Зоғ ҳар гоҳ бо овози хунукаш қар-қар мекард, нохушие рӯй медод. Дигар парандагон аз ӯ илтимос карданд:

– Ҳамболи азиз, аз ту хоҳиш мекунем, дигар беҳудаю баҳуда қар-қар накун. Ҳар гоҳе овози ту барояд ё барф меборад, ё ҳодисаи нохуше сар мезанад.

Аз ин гуфтаҳо зоғ шод мешуд: «Маълум мешавад, ҳама аз ман метарсанд. Ман ба дили онҳо ваҳм меоварам», аз дил гузаронид ӯ.

Фасли зимистон. Зоғ болои дарахти урён нишаста якчанд бор қар-қар кард. Барфи калон-калони лак-лакӣ ба боридан оғозид. Ӯ аз кардаи худ хушҳол шуда аз як шох ба шохи дигар менишасту садои нохуш мезад.

Пиразане, ки аз овози зоғ безор шуда буд, ба набераааш:

– Зафарҷон, ба берун барою ҳамин зоғи лаънатиро аз болои дарахт пеш кун. Овози ӯ хосияти хуб надорад. Бин чӣ қадар барфи зиёд борид, – гуфт.

Зафарҷон берун баромада якчанд бор «киш-киш»-гӯён зоғро ронданӣ шуд, аммо зоғ ба ӯ аҳмият надод. Хурсанд буд, ки аз амали ӯ одамон дар ҳаросанд. Бештару бештар қар-қар гуфтан гирифт.

Зафарҷон ин тарафу он тараф нигариста санг мекофт, ки зоғро зада пеш кунад, аммо ҳама ҷо сап-сафед барф буд. Ӯ аз барф дар кафи дастонаш тӯпчае сохта ба сӯи зоғ ҳаво дод. Тир ба нишон расид. Зоғ сарозер ба замин афтид. Барф беист мебориду меборид. Ӯ зери барф монд.

# ОРУ ВА ШОҲПАРАК

Ору ва шоҳпарак дӯстони ҷонӣ буданд. Ҳарду ошиқи гуланд. Болои гулҳо парвоз карда яке бӯй мекашиду болҳои зебояшро намоишкорона меафшонд, дигаре шаҳд ҷамъ меовард.

Шоҳпарак тоқати як ҷо истодан надошт. Аз як гул ба дигаре парида фақат бӯй мекашид. Ору бошад хеле ботамкину ҳалиму меҳрубон ва меҳнатдӯст буд. Шаҳди бо нозукиҳои зиёд ҷамъовардаашро ба хона бурда, аз назорати модар мегузаронид ва дар ҷои даркорӣ холӣ мекард.

Мавсими рӯиданҳою шукуфтанҳо ҳам ба охир расид ва фасли тирамоҳ – фасли ҷамъоварию ҷобаҷо гузорӣ ҳам расид.

Шоҳпарак ба ору нигариста:

– Дугонаи азизам, оруҷон, бас будагист ҷамъу гир кардан, биё, каме рақсу бозӣ кунем, аз охирин гулҳо бӯйи ширини зиндагӣ бишамем, лаззати машом диҳем, – гуфт.

– Дугонаҷон, вақти истироҳат фасли зимистон аст. Ҳоло ҳар як рӯзи офтобиро самаранок бояд истифода бурд.

– Оруҷон, ин қадар ҷон накан, агар ба ту шаҳд лозим бошад, биё, туро ба ҷое мебарам, ки бе ягон меҳнат шаҳди бисёре ҷамъ меоварӣ.



Дугонаҳо париданд сӯи хонае, ки тифлашонро гаҳворабандон мекарданд. Рӯи дастархон аз нозу неъмат пур: мураббо, асал, ширинӣ, гулоб, шарбатҳои гуногун ва бисёр чизҳои дигари бомазза.

Шоҳпарак парид рӯи дастархон, ору бошад дар гӯшае истода амали ӯро наззора кард.

Шоҳпарак чашид аз гулоб, чашид аз мураббо, аммо бахташ омад накард, болои асал пояш лағжид ва парҳои зебояш ба асал часпида зӯри парвоз кардан наёфт.

Соҳиби хона:

– Киш-киш, парандаи беақл, – гуфту бо шохинча болҳои шоҳпаракро аз асал ҷудо карда ба замин партофт. Шоҳпарак нолону гирён бо як азоб болҳои шикастаашро ғундошта парвоз карданӣ шуд, аммо натавонист.

Ору ба ёрии дӯсташ расида омаду ба ӯ барои паридан ёрӣ дода гуфт: – дугонаи азизам, беҳуда нагуфтаанд «бе меҳнат ҳеҷ роҳат нест».

## БУЛБУЛ

Дар як макone, дар як замоне, дар як ҷои хеле хушманзараи хушобуҳавое боғе будааст, ки дарахтони зиёди мевадиҳанда, ороишӣ ва гулҳои

рангоранг доштааст. Илова ба ҳама зебоиҳои боғ, боз дар он булбуле нағмасаройӣ мекардааст, ки овози хеле фораму дилнишину зебо доштааст. Боғбон булбулро хеле дӯст медоштааст. Ҳар меҳмоне ба боғ биёяд, албата булбулро ба ӯ шинос мекардааст.

Булбул бошад ба дӯстдориҳои боғбон ҷавоб гуфта бо овози фораму дилнишини худ суруд хонда меҳмонони боғбонро шод мекардааст.

Боғбон мағзи пистаро ба минқори булбул мемонду бо оби набот зиёфаташ мекард.

Бо ин ҳама, дӯстии боғбон ва булбул дер давом накард.

Парандаҳои гуногуни даруни боғ аз меҳру муҳаббати боғбону булбул рашк бурда, ҳасад хӯрда, бо ҳам ҷамъ меоянду маслиҳат мекунанд.

Яке мегуфт, ки «мо ҳам мисли булбул паранда, чаро ӯ азизу мо киха». Дигаре мегуфт, «то булбул дар ин боғ ҳаст, нисбати мо меҳрубонӣ нест». Сеюмӣ мегуфт, ки «байни боғбону булбул низоъ бояд андохт»

Ҳар кадоме аз парандаҳо бо навбат назди боғбон омада хушомад мезаданду нисбати булбул бадгӯӣ мекарданд.

Яке мегуфт:

– Боғбонҷон, булбул бовиқор мегӯяд, ки ман шоҳи парандаҳоям ва меҳмонон назди боғбон нею

барои шунидани овози ман меоянд.



Парандаи дигар мегуфт:

– Булбул ҳамеша, шумо, боғбони азизро, дар ғайбатон таҳқир мекунаду суханҳои носазо мегӯяд ва ғайраву ғайраҳо.

Боғбон аз шунидани чунин суханҳои носазо дар ҳаққаш ба ғазаб омада, булбулро аз боғ пеш карда:

– Байни инсон ва паранда дӯстӣ набудааст, намехоҳам дигар туро дидан ва овозатро шунидан ҳам, – гуфт.

Булбули бехабар ҳасудиву иғвои ҳамҷинсонаш, аз рафтору гуфтори боғбон ғамгин гашта, бо чашми наму бо дили пурғам боғро тарк кард.

Парид ба баландиҳо. Гузашт аз пуштаву дара, сари ҷару болои тепаҳои кӯҳистон. Расид ба назди арчаҳои баланди сарсабзи кӯҳистон. Гузошт лона ба шохи яке аз дарахтони баланди сарсабз.

Мурғакони озоди он диёр аз омадани меҳмони нав огоҳӣ ёфта назди ӯ меомаданд. Булбул онҳоро хуш қабул мекард. Мурғакон хоҳиш мекунанд, ки булбул барояшон суруде хонад, аммо ӯ бо узрхоҳӣ мегӯяд:

– Хамҷинсони азизам, маро маъзур доред, дили пур аз ғам дорам, ҷудоӣ аз дӯсти азизам маро ранҷур кардааст, маҷоли суруд хондан надорам – ва ҳодисаи шударо ба онҳо гуфт.

Мурғакони кӯҳистонӣ, ки орӣ аз кинаву адоват ва ҳасаду иғво буданд, бо маслиҳати ҳам ба булбули меҳмон ёрӣ расониданӣ шуданд.

Яке аз онҳо парвоз кард сӯи он диёру он боғи зебо.

Аз он зебоие, ки булбул таъриф карда буд, осоре надид. Шохи дарахтон шикастаю гулҳо аз беобӣ пажмурда, деворҳои боғ афтода ва боғбон бемор дар бистари марг. Соҳиби боғ бошад чуғзу буму якчанд парандаи дигар. Онҳо шодону хандон ба якдигар мегуфтанд: «Ҳай бобашон кардем. Аз дӯстии боғбону булбул мо дар азоб будем. Ана, вақти мо ҳам расид. Боғ аз они мо».

Ин ҳамаро дида мурғаки кӯҳистонӣ парвоз кард ба баландиҳо ва расид ба ҳамон арчаи баланди сарсабз ва булбулро дид, то ҳол гирёну нолон аз фироқи дӯст.

– Ҳамболи азизам, булбул, – гуфт мурғаки кӯҳистонӣ – хезу бипар сӯи боғу роғат ва сӯи дӯстат-боғбон, ки дар фироқи ту ӯ низ бемор аст.

Булбул аз шунидани бемории дӯсташ ба таҳлука афтод ва парид сӯи дашт, сӯи он боғ ва назди дӯсташ.

Назди тирезаи хонаи боғбон нишасту суруди дӯстдоштаи ӯро зам-зама кард.

Боғбон овози форplayму суруди ошноро шунида об хост. Обаш доданд. Хест аз бистари беморӣ,

баромад рӯи ҳавлӣ. Бидид булбули хушовозу хушнавояшро, узр хост ва гуфт:

–Дӯсти азизам, аз дӯсти хушомадгӯй ҳазар кун, ки маккор аст. Ман ба макри онҳо дода шуда, қариб ҷони худ ва ҷони дӯсти ба ҷон баробарамро аз даст дода будам.

## ОРУ ВА ХИРС

Ору ва хирс дӯстони ҷонӣ буданд. Охир, ҳардуро ба якдигар як чиз наздик мекард. Онҳо асалро дӯст медоштанд.

Хирс тез-тез оруро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват намуда бо асал зиёфат медод.

Ору баъди якчанд бор зиёфат хӯрдан андешид ва назди худ қарор гузошт, ки ӯ низ вазифадор аст хирсро ба меҳмонии худ барад.

Хирс таклифи оруро қабул кард.

Ору шаҳдеро, ки тамоми тобистон ҷамъ оварда буд, назди хирс гузошт.

Хирс бо як дам зиёфати оруро нӯши ҷон намуд ва интизор шуд, ки ору боз асал меоварда бошад ё на?

Ору ҳиҷолатмандона :

– Хирси азиз, ман дигар асал надорам, ки туро зиёфат кунам – гуфт.

Аз байн чанд сол гузашт.

Хирс чанд бор оруро ба меҳмонӣ даъват кард, аммо ору ҳар бор бо баҳонае узр хоста ба хонаи хирс намерафт.

Ору ба худ савол медод. Агар ба хонаи хирс равам, ман ҳам бояд ӯро ба хона даъват кунам. Таҷрибаи меҳмондории пешина барои ӯ дарс шуда буд.

Хирс то ҳозир намедонад, ки чаро ору дигар ӯро ба меҳмонӣ даъват намекунад?

## МӮСИЧА

Дар таги долони зан мӯсичае лона гузошта буд.

Рӯзе соҳибхона чирик-чирики форами чӯҷаҳои мӯсичаро шунида, ба лонаи онҳо назар кард. Се мӯсича беқаророна овоз баровардa, бо даҳони боз модарашонро интизорӣ мекашиданд.

Мӯсича дар минқораш анвои гуногуни ғизоро меоварду чӯҷаҳояшро сер мекард. Ин ҳолат чанде давом кард.

Соҳибхона ҳар субҳидам аз хоб мехесту қабл аз оғози корҳои хона ба лонаи мӯсича нигариста аз рафтори онҳо ҳаловат мебурд. Рӯзе дид, ки мӯсича бо болҳояш чӯҷачаашро аз лона берун кардан мехоҳад. Чӯҷаи бечора парпарак мезад, гӯё мехост ба лона бичаспад, аммо модар ӯро тела медод.

Зан аз ин рафтори мӯсича дар ҳайрат шуд. «Наход парандагон нисбати фарзанди худ чунин бераҳмиро раво бинанд? Чаро? Чаро ӯ фарзандашро озор медиҳад? Охир, бечора чӯҷа ҳозир аз лона ба замин афтода мемурад», – аз дил мегузаронд соҳибхона.

Мӯсича бори дигар чӯҷачаашро аз лона берун тела дод. Чӯҷаи хурдакак ба замин сарозер шуд. Аз тарс чириккос мезаду пару болҳояшро меафшонд ва ба замин нарасида парвоз кард.

Ҳамин тавр, мӯсичаҳо парвозӣ шуда,баъди чанд рӯз лонаро тарк карданд.

Зан дар банди андеша афтод: «Ин мӯсича ба ман сабақи зиндагӣ омӯхт. Мо, фарзандони Одам, пайваста кӯшиш мекунем, ки фарзандонамон аз канорамон дур набошанд. Мустақилияташонро маҳдуд месозем, аммо мӯсича ба фарзандонаш парвоз кардан, озодона болу пар заданро меомӯзад. Ана, ин аст модар будан ва фарзандро тарбият кардан!»

## РӮБОҲИ ФИРЕБГАР

Ҳама ҳайвонҳои ҷангал рӯбоҳро фиребгар ва дурӯғгӯ мегуфтанд. Ба суханҳояш бовар намекарданд, сири дилашонро ба ӯ намегуфтанд. Рӯбоҳ

бошад ба дурӯғгӯиаш иқрор намешуд.Доимо худро сафед мекард.

Рӯзе рӯбоҳ аз назди дарё гузашта истода дид, ки хирси качпо даруни дарё моҳӣ шикор дорад ва саропо тар аст.

Рӯбоҳ роҳашро давом дод. Дид, ки як гурӯҳ ҳайвонҳо аз гармӣ панаҳ бурда, таги тепае сӯҳбат карда нишастаанд.

Рӯбоҳро дида гуфтанд:

– Биё, рӯбоҳи фиребгар, имрӯз боз чӣ хабари дурӯғ овардӣ?

Рӯбоҳ хафа шуда гуфт:

– Ман ба шумо исбот мекунам, ки дурӯғгӯю фиребгар нестам. Ана, ҳамаатон аз офтоби сӯзон панаҳ бурда, таги тепа нишастаед,мехоҳед ман аз абр илтимос кунам, ки боронаке борад?

Ҳайвонҳо ҳама хандида, «дар чиллаи тобистон борон?» – гуфтанд.

Рӯбоҳ:

– Ҳамаатон аз ҷоятон наҷунбед, баъди чанде боронаке бо хоҳиши ман меборад, – гуфта назди хирси качпо баргашт.

– Хирсбобо, аз пагоҳӣ боз даруни обед, боз касал нашавед .Биёед бо ман, болои тепачае баромада худро меафшонем ва дар гармӣ баданамон даррав хушк мешавад.

Сухани рӯбоҳ ба хирс маъқул шуд. Болои тепа баромада худро чунон афшонд, ки ҳама ҷо дар як лаҳза тар шуд. Хирс аз кардааш шод ба сӯи об рафт. Рӯбоҳ бошад назди ҳайвонҳои сояшин бо ғурур омада:

– Чаро ҳамаатон тар шудаед? – гуфт.

Ҳайвонҳо ба ӯ бовар карданд.

Рӯбоҳи ҳилагар бо сари баланд, думашро ликонда табассумкунон аз назди ҳайвонҳо дур ва дар фикри дурӯғи навбатӣ шуд. Ӯ намедонист, ки рӯзе дурӯғгӯиаш фош мешаваду назди ҳайвонҳо шарманда.

## ТОВУС

Рӯзе аз рӯзҳо товус барои шикастани ташнагиаш хиромида ба соҳили рӯд омад. Дар оби чун оина шаффофу беғубор акси худро дида хеле шод шуд.

Аз тамошои пару болҳои рангорангаш ҳаловат мебурд. Чун дида ба пойҳояш дӯхт, ғамгин гашт.

«Чӣ пойҳои безеб ва каҷу килеберо Худованд ба ман додааст, аз дил мегузаронид товус, аз ин пойҳои хунук халос шудан даркор».

Дар ҳамин ҳолат рӯбоҳе поида ба ӯ наздик шуд.



Товус акси маргашро дар об дида, бо пойҳои качу килебаш чунон давид, ки рӯбоҳ ӯро дошта натавонист… аммо пару болҳои зебову мунаққаш дар чанд ҷо ба шохаи буттаҳои навруста часпида, қариб буд ӯро луқмаи рӯбоҳи гурусна кунанд.

Товус бо меҳр ба пойҳои качу килебаш нигариста, аз хаёли дар дил гузарондааш шарм карда ба худ гуфт:

«Ҷонамро аз марг болу парҳои зебо не, ҳамин пойҳои качу килебам раҳониданд. Бояд ба онҳо раҳмат бигӯям, ба ин балогардонҳои ман!»

## ГУРБА ВА САГ

Замоне гурба ва саг дӯстони ҷонӣ буданд. Онҳо дар як ҳавлӣ мезистанд. Ҳардуяшонро соҳиби хона дӯст медошт.

Гурба ҳамеша болои зонувон ва бағали гарми соҳибхона пинак мерафту саг дар остона рӯи замини хунук ғелида, онҳоро нигаҳбонӣ мекард.

Пагоҳие соҳибхона болои суфа дастархон густурда нуқлу ғизои гуногунро болои он гузошту худ барои овардани ширчой ба ошхона даромад. Дар ҳамин ҳолат гурба оҳиста равғани маскаи болои дастархонро дуздида гурехтан хост, ки саг аккосзанон садди роҳаш гардид.

Соҳибхона аз ошхона баромаду амали гурбаро дида, беихтиёр ба сари ӯ дод зад:

– Ҳой гурбаи маскадузд, садқаи хубиҳои ман шавӣ! Ҳамеша ҷои хобат бағали гарму болои зонувон ва болини мулоими ман буд. Шарм намедорӣ, ношуд?! «Саг вафодор аст» гуфтани мардум дуруст будааст. Бирав, гум шав аз назарам, ношукр, дигар туро дар наздикиҳои хонаам набинам!

Саг, чун аз кардаи худ шод буд, ин ҳамаро шунида, аз дил гузаронд: «Аз ҳамин рӯз, бешакку шубҳа, ман ягона дӯстдоштаи соҳибхона хоҳам буд».Вале гумонаш хато баромад. Аз миён чанд рӯз сипарӣ гардиду соҳибхона аз гуноҳи гурба гузашта, ӯро боз болои зонувонаш ҷой дод.

Саг аз ин амали соҳибхона дар ҳайрат монда, ибтидо аз ҳамон рӯз гурбаро бад медидагӣ шуд. Акнун дӯстони собиқ душмани ҷони якдигар шуда буданд ва ин душманӣ то имрӯз идома дорад.

Бечора саг намедонист, ки миёни инсону ҳайвон тафриқа зиёд аст ва муҳимтар аз ҳама ӯ намедонист, ки Худованд ба инсон ақл ва неруи бахшида тавонистанро ато кардааст.

# ШИКОРИ ГАВАЗН

Амаки Толиби шикорчӣ соли дуюм аст, ки аз пайи гавазни таги чашм кардааш, баъди боридани барф ба шикор мебарояд. Охир, болои барф изи гавазн баръало намоён мешавад.

Ӯ пагоҳӣ барвақт либосҳои гармашро пӯшида, милтиқи шикориаш сари китф бо хонавода хайру хуш намуда, бо нияти барори шикор аз хона берун баромад. Барфи лак-лак меборид. Шамоли сарди зимистон дар як дам бо барфҳои калон гӯё рӯяшро лесида гузашт. Ӯ телпакашро то болои чашмон кашида як ларзиду тез-тез қадам зада аз деҳа берун баромад.

Шикорчӣ ки буд, пайраҳаҳоро хуб медонист.Байни беша зуд нопадид гашт. Изи гавазнро дида шод шуд. Қадамзаниашро тез кард. Ногоҳ чашмаш ба гурӯҳи гургон афтод, ки онҳо низ луқмаи худро мечустанд.

Толиби шикорчӣ паси буттаи барфпӯш пинҳон шуд. Дар камингоҳаш каме беҳаракат истода ларзид, ҳам аз хунукӣ, ҳам аз тарс. Баъди чанде гургон пароканда шуданд.Ӯ низ қоматашро рост кард. Ва аз шикорчӣ буданаш каме пушаймон ҳам шуд.Охир, ин лаҳза ӯ низ метавонист луқмаи гургони гушнаи даранда шавад.



Шикорчӣ тез-тез қадам монда боз изи пои гавазнро дид. Аз дур худи гавазн намудор шуд. Болои тепа меистод. Қоматашро рост намуда, сараш боло, мегӯӣ болои сараш навдаҳои дарахтонро рост монда бошад, хеле зебо менамуд. Чашм аз дидани чунин зебоӣ роҳат мекард, бахусус аз чашму шохҳояш.

Азбаски гавазн зирак буд, шикорчиро диду ҷаҳид ба тепаи дигари барфпӯш.

Толиби шикорчиро ҳамин ҷаҳиданҳои гавазн моту мабҳут мекард. Чӣ ҷаҳидани зебо. Дар як лаҳза аз назар ғоиб шуд.

Шикорчӣ боз аз пайи гавазн афтод. Шикораш бенатиҷа буд. Камин гирифта нони аз хона овардаашро каме хӯрду пинак рафт…

Пагоҳӣ нурҳои хуршеди оламоро шикорчиро бедор кард. Ӯ чашмонашро кушода дар рӯ ба рӯяш гавазнро дид. Пушти гавазн оҳу ва чор оҳубара меистоданд. Гавазн бо чашмони боақлона ва нигоҳи дилсӯзона ба шикорчӣ менигарист. Ӯ гуфтан мехост, чи хеле туро дар хона зану фарзанд интизоранд,хонаводаи ман ҳам ба роҳам чашми чоранд. Охир, ман нигаҳбони онҳоям. Бе ман онҳо хор хоҳанд шуд.

Шикорчӣ даст сӯи милтиқ бурд. Онро ба даст гирифт, аммо гавазн аз ҷояш наҷунбид, нигоҳҳояш ҳамон буданд, ки ҳамон.

Шикорчӣ милтиқро ба ҷояш гузошт. Ӯ ба хона дасти холӣ баргашт, аммо хурсанд буд. Ин шикори охирини ӯ буд. Толиб касбашро дигар кард.

## РАФТОРИ ХУБ

Муаллима Бахтиниссо Ҷалилова ба хонандагони синфи се дарси тарбиявӣ гузаронида таъкид кард:

– Бачаҳои азиз, ҳамеша кӯшиш намоед, ки рафтори хуб кунед. Рафтори хуб инсонро обрӯманд мекунад. Кори хуб ин савоб аст.

Ҳабибулло даст бардошта пурсид:

– Муаллима, чӣ хел рафторро хуб мегӯянд?

Муаллима ҷавоб дод:

– Мисол ба модар дар корҳои хона ёрӣ расонидан, пиразанеро аз роҳи мошин гузаронидан, ба гунҷишкҳо хонача сохта, ба дарахте овезон карда, дон додан ва ғайраҳо.

Фардо рӯзи истироҳат буд. Ҳабибулло аз хоб хеста ба тиреза нигарист. Дар берун шуои офтоб ҳамаро равшану рахшон намуда буд. Рӯзи хубе буд.

Ҳабибулло аз дил гузаронид: «Модоме рӯзи хуб аст, ман низ бояд рафтори хубе ба анҷом расонам. Чӣ мешуд, агар бачаи ҳамсоя – Ҳаким дар канали пеши хона ғарқ мешуду ман ӯро наҷот медодам»

Ҳамин лаҳза бачаи ҳамсоя Ҳаким ӯро аз тиреза дид :

– Ҳабибулло, биё, якҷоя бозӣ кунем, – гуфт.

– Ман вақт надорам, – гуфт Ҳабибулло.

Ҳабибулло боз ба фикр фурӯ рафт: «Агар бибиам бемор мешуд, ман хӯрок ё мева гирифта ба беморхона барои хабаргирӣ мерафтам».

Бибӣ ба Ҳабибулло мурочиат карда:

– Ҳабибулло, набераи азизам, наҳорӣ тайёр кардам, биё, ба ман ёрӣ расон. Косаҳоро рӯи дастархон бурда мон, – гуфт.

– Бибиҷон, ман вақт надорам.Фикр карда истодаам.

Ҳабибулло боз ба фикр фурӯ рафт. «Агар сагчаам Хайбарро мошин мезад, ман ӯро болои дастон бардошта назди духтур мебурдам. Ана, рафтори хуб».

Ҳамин лаҳза сагча – Хайбар думашро ликонда назди Ҳабибулло омад.

Ҳабибулло ӯро бо пояш зада: «гум шав, ман фикр карда истодаам. Бо ту вақти бозӣ кардан надорам», – гуфт.

Хайбар маъюсона ба соҳибаш нигариста аз ӯ дур шуд.

Ҳабибулло назди модар омада:

– Модарҷон, ягон кори хубро гӯед, ки ман иҷро кунам, – гуфт.

Модар:

– Рафта ба бибиат ёрӣ расон, баъди наҳорӣ Хайбарро гирифта бо бачаи ҳамсоя Ҳакимҷон бозӣ кун – ҳамаи ин рафтори хуб аст, – гӯён сари ӯро сила кард.

## ЁРӢ БА МОДАР

Муаллима Гулафзо Собирова дар синфи ду дарс медод. Ӯ шогирдонашро хеле дӯст медошт. Шогирдон ҳам гуфтаҳои муаллимаро ҷо ба ҷо иҷро мекарданд.

Рӯзе муаллима ҳангоми дарси тарбиявӣ:

– Хонандаҳои азиз, шумо аллакай бачаҳои калон шудаед, бояд ба падару модар дар хона ёрӣ расонед. Дарси оянда аз ҳар кадоми шумо мепурсам.Оё ба волидайн ёрие расонидед ё на?

Дарси тарбиявии оянда ҳам расид.

Муаллима пурсид:

– Канӣ, хонандаҳои азиз, гӯед шумо ба падару модар чӣ ёрӣ кардед?

Гулнора гуфт:

– Ман баъди наҳорӣ пиёлаҳоро шустам.

Рустам гуфт:

– Ман бошам, бо падарам якҷоя ба чорво беда додем.

Фирӯза: – Ман ҳавлӣ рӯфтам, – гуфт.

Муаллима ба онҳо офарин хонд.

Навбат ба Ҳасану Ҳусейн расид.

Ҳарду якҷоя хеста:

– Мо ба модарамон дар санҷиши кори хаттии синфи 8 ёрӣ расонидем, – гуфтанд.

Гулафзо Собирова ҳайрон шуда:

– Чӣ хел дар санҷиши кори хаттӣ ёрӣ расонидед?

Ҳасан гуфт: – Охир, модари мо низ мисли шумо дар мактаби дигар муаллима ҳастанд. Вақте модар кори хаттиро месанҷдиданд, мо бозӣ мекардем. Гуфтанд: «Агар хоҳед ба модар ёрӣ расонед, як соат хомӯш бошед».

Мо як соат хомӯш истодем ва ҳамин тавр, дар санҷиши кори хаттӣ ба модар ёрӣ расонидем.

## СУХАНИ СЕҲРНОК

Фирӯза ва Ҳанифа дугонаҳои ҷонӣ буданд. Онҳо якҷоя мактаб мерафтанд, якҷоя бармегаштанд, якҷоя дарс тайёр мекарданд. Аз якдигар ҷудоӣ надоштанд.

Вақте онҳо синфи панҷ мехонданд, ҳангоми танаффус барои кори беҳудае гапашон гурехт. Ҳарду ҷанҷол карданд. Фирӯза ба дугонааш «бар

падарат лаънат» гуфт. Ҳанифа бошад сухане нагуфта як шапотӣ ба рӯи Фирӯза зад. Ӯ гиря кард.Занг зада шуд ва ҳама ба синф давиданд.Дугонаҳо дар партаи пеш менишастанд.

Муаллими таърих Шуҳрат Одинаев, ки падари Фирӯза буд, журнали синфӣ ва харита дар даст ба синф даромад. Нигоҳаш ба Фирӯза афтод, ки бари рӯяш сурх буд. Ба хонандагон салом дода аз Фирӯза пурсид:

– Фирӯза, чӣ шуд ба ту, чаро чашмон ва бари рӯят сурх аст?

Фирӯза аз ҷояш хеста ҳарфе нагуфта сарашро хам кард.

Ҳанифа аз ҷояш хеста:

– Муаллимҷон, ман гунаҳгорам, ба рӯи Фирӯза ман як шапотӣ задам.

– Сабаб чӣ буд? – пурсид муаллим.

– Охир, ӯ «бар падарат лаънат» гуфт.

– Ту ҳам ба ӯ чунин мегуфтӣ, – гуфт муаллим.

– Не, устод, ман чӣ хел ба устодам лаънат мегуфтаам, беҳтараш, як шапотӣ задам, аммо ҳозир пушаймонам.

Шуҳрат Одинаев аз ҷавоби шогирдаш табассуми маънидоронае карда:

– Канӣ, ҳарду назди тахтаи синф бароед, – гуфт.

Дугонаҳо сархам назди тахтаи синф истоданд.

– Акнун бо якдигар оштӣ шуда салом кунеду сухани сеҳрнокро ба забон биёред, – гуфт муаллим.

Фирӯза ва Ҳанифа бо якдигар салом карда, якдигарро ба оғӯш гирифта гиристанд ва аз якдигар бахшиш пурсиданд.

Фарҳод, ки дар партаи қафо менишаст, даст боло карда:

– Муаллим, сухани сеҳрнок кадом буд, ман нафаҳмидам, – гуфт.

Шуҳрат Одинаев ба хонандагон фаҳмонд: « агар касеро аз худ ранҷондед, даррав узр пурсед. Гуноҳҳо зудуда мегарданд. Узр пурсидан – ин аст сухани сеҳрнок.»

## ОФТОБИ ОЛАМОРО

Офтоб барвақт аз хоб хеста нурҳои чун бирешими пилла нозуку зарди худро ба ҳар тараф պареш дод ва гуфт:

– Канӣ, бинам, аз дидани ман кӣ аз ҳама зиёд шод мешуда бошад?

Хурӯс овоз баровард, ки «ман хурсандам ва бо садои баландам ҳамаро огоҳ кардам».

Гули лола сари хамгаштаи худро баланд карду гуфт: «Офтоби азиз, то ту баромадан сархам бу-



дам, ана, ҳоло аз байни баргҳои зебоям сӯи ту сар ба фалак кашидам».

Асп шиҳа кашид, гов маос зад, бузу гӯсфандон низ ба таври худ овоз бароварданд, саги ҳавлӣ Мухтор ҳам аккос зад, мурғакон қуд-қуд гӯён хурсандии худро баён карданд.

Меваҳои боғ низ аз баромадани офтоб шодӣ мекарданд, чунки онҳо аз нурҳои хуршед баҳра мегиранд, ранг дигар мекунанд ва мепазанд.

Соҳиби хона – холаи Ҳанифа аз хона баромада сӯи осмон нигоҳ кард, ба офтоб таъзим карда салом дод ва гуфт:

– Шукр, сад шукр, ки ба рӯзи нав расидем.

Дасту рӯй шуста ба фарзандонаш овоз дод:

– Азизонам, ҷигаргӯшаҳоям, хезед, офтоби нозанин ҳавлии моро бо нурҳои дурахшонаш пур кардааст. Хезед, ки аз тақсимоти ризқу рӯзиятон бебаҳра намонед. Касе барвақт мехезад, ризқаш зиёда мегардад.

Салимҷон, Каримҷон, Лолабону, Фарзона ва падарашон чашмҳоро молида аз хонаҳои хоб баромаданд. Баъди дасту рӯй шустан, яке давид сӯи катаки мурғ, 6 дона тухм ёфта овард, дигаре давида барои ёрии модар гӯсоларо дошта истод, ки ӯ гов дӯшад, сеюмӣ ба рӯфтани ҳавлӣ оғозид ва Фарзона чой монда болои суфа зери сояи ангур дастархон кушод. Падар бошад ба гову молҳо беда дод.

Ҳама барои ношто кардан сари дастархон ҷамъ омаданд.

Лолабону аз модар пурсид:

– Модарҷон, тақсимоти ризқу рӯзӣ кай мешавад?

Модар табассуме карда гуфт:

– Аллакай сар шуд ва ҳамаи шумо бенаво намондед. Ҳамин дастархони пур ризқи Шумо аст, чунки дар он ҳамаатон ҳиссагузор шудед.

## МОҲИГИР

Марде тамоми умр бо пешаи моҳигирӣ баракати зиндагии хонадонашро таъмин мекард. Зану кӯдаконаш аз чизе камӣ надоштанд.

Рӯзе дар канори соҳил нишаста, тӯрашро ба дарё партофту пинак рафт. Баъди чанде сар бардошта тӯрро назар карда 3-4 моҳиро даруни он дид.



«Кам аст», гуфту сайдашро аз об нагирифта, дубора ба дарё партофту пинак рафт. Соате баъд тӯрашро аз нав хабар гирифт: 6-7 дона моҳӣ беқарорӣ доштанд. Қаноат накард.

– Каме дам мегирам, ҳамин ки бегоҳ шуд, якбора онро бо моҳии зиёд аз об гирифта ба хона бармегардам, – аз дил гузаронд моҳигир.

Бегоҳ шуд. Моҳигир хост тӯри пур аз моҳиашро аз дарё бардошта, ризқу рӯзии фарзандонашро ба манзилаш бубарад. Аз тӯр дарак набуд, вазни моҳии бисёр тӯрро канда бурдааст.

Мард аз карда пушаймон шуда, бо сари хам ва дасти холӣ ба хона баргашт.

– Чӣ шуд? Чӣ ҳодиса рух дод? – пурсид ҳамсараш, ки бори нахуст ӯро бо дасти холӣ медид.

– Бисёр талаб макун, ба кам зор шавӣ, – гуфтаанд бузургон. Ман имрӯз ин пандро сарфи назар кардаму аз ёфта бенасиб мондам, – гуфт мард.

## ДУ БАРОДАР

Модар ду писар дошт. Писари калонӣ – Салим фарбеҳ буду танбал ва кораш рӯзу шаб хӯрдану хобидан. Писари хурдӣ – Раҳим хароб буду заиф, чаққонак ва меҳнатдӯст. Модар рӯзе аз рӯзҳои

фасли поиз аз фарзандонаш хоҳиш кард:



– Ҷону ҷигаракони оча, фасли тирамоҳ аст,

тирамоҳ, бояд ғами зимистонро хӯрд. Хуб мешуд, ки ба кӯҳ баромада ҳезум чинед. Салимҷон, додаракат Раҳимро эҳтиёт кун. Ӯ нисбат ба ту хурд аст, аз уҳдаи бардоштани бори вазнин баромада наметавонад., – ва «тӯшаи роҳ» гӯён ба миёнбанди бародарон нон басту ба дасташон кадуи об дода, ба кӯҳ гуселашон кард.

Ҳамин ки нахустин дараро гузашта, ба миёни пистазор даромаданд, Салим ба додараш амр кард:

– Раҳимҷон, табарро гирифта, аз дарахтон шохаҳои хушкидаро зада дарза бастан гир. Ман каме дам мегираму баъд ба ту ёрӣ мерасонам, – ва ҷомаашро ба замин густурда пинак рафт.

Раҳим бошад бо ҳавсалаи зиёд ба кор сар кард: бо табарчааш шохаҳои хушки дарахтонро бурида ду дарза ҳезум баста ба бародараш, ки баҳузур мехобид, гуфт:

– Акаҷон, хез. Нону обро мехӯрему ба хонаамон бармегардем, ман ду дарза ҳезум тайёр кардам.

Салим ҳамёзакунон аз хоб хест.

– Ман нону обро ким-кайҳо хӯрда будам. Биё, ба ту ёрӣ мерасонам, – гуфта ҳарду дарзаи ҳезумро ба пушти додараш ниҳода, худ аз қафо химчаеро гирифта амр кард:



– Рафтем!

Раҳим беинсофии бародарашро дида хоҳиш кард:

– Раҳм кун, акаҷон! Ақаллан як дарзаашро ту бардор.

Аммо бародари фарбеҳи шикампараст ба зорию илтимоси додараш аҳамияте надода, ба сараш дод зад:

– Тез-тез роҳ гард, рӯз рӯ ба торикӣ оварда истодааст, боз ягон гург луқмаи хомамон накунад!

Раҳим, ки бисёр бачаи боақл буд, аз дил гузаронид: «Ман бояд ҷазои ин ландаҳурро диҳам, то ки дигар беинсофӣ накунад.» Ва баъди ду-се қадам мондан худро ба рӯи замин партофта, беҳуш шуд. Инро дида Салим сахт тарсид ва ба зорию тавалло даромад:

– Додаракам, Раҳимҷон! Ба ту чӣ шуд? Модарамон «додаратро эҳтиёт накардӣ»-гуфта маро мекушад. Хоҳиш мекунам, чашмонатро кушо!

Раҳим бо чашмони пӯшида ҳамоно хомӯш буд.

Салим ду дарза ҳезумро ба якдигар баста болои онҳо ҷомаашро партофта Раҳимро болои ҳезум хобонда, бандро аз китфонаш гузаронду то ба хонаашон бардошта овард. Баробари ба ҳавлиашон даромадан Раҳим аз пушти бародараш фуромада нидо кард:

– Акаҷон, ин қадар тез расидем?!

Салим, ки акнун гуноҳашро фаҳмида буд, арақи

пешониашро бо пушти даст пок карда ба додараш гуфт:

– Илтимос, ҳодисаи шударо ба модар нагӯй.

Модар овози фарзандонро шунида, аз хона баромаду дарзаҳои ҳезумро дида, бо як навъ эҳсоси қаноат ва хушнудӣ гуфт:

– Шукр, ки сиҳату саломат, бо пуштбори хуб ба хона баргаштед. Агар боз 4-5 бори дигар ба кӯҳ бароед, зимистонро бе мушкилӣ пушти сар хоҳем кард, қобилакони оча!

## МУДИРИ ФЕРМА

Холаи Гулдаста пагоҳӣ барвақт аз хоб хеста тараддуди ба кор рафтан дошт. Ӯ дар фермаи хоҷагӣ говҷӯш буд.

Зафар ҳам аз хоб хеста ба модараш:

– Очаҷон, маро ба ҷои коратон баред. Мо ба таътили тобистона баромадем. Дар хона танҳо зиқ мешавам, – гуфт.

– Ҷони оча, ба ҷои кор бурдани кӯдакон мумкин нест.Мудири ферма ҷанг мекунад.

– Ана, бачаи ҳамсоя Нодир ҳар рӯз ба ферма рафта ба модараш ёрӣ мерасонад-ку?

– Охир, ӯ калон аст, синфи 9 мехонад, ту бошӣ, хеле хурд ҳастӣ.

– Очаҷон, илтимос, як боракак баред, дигар на-

меравам.

– Майлаш, лекин дар ферма болову поён кам медавӣ, оромакак мешинӣ, фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, очаҷон.

Модару писар ба сӯи ферма равон шуданд.

Дар роҳ Зафарҷон нолид:

– Очаҷон,фермаи шумо ин қадар дур будааст, монда шудам.

– Ана, дидӣ, гуфтам, ки дар хона шин. Гапамро гӯш накардӣ. Барои ту шуда дер мекунам. Тез-тез роҳ гард. Мудири ферма ҷанг мекунад.

Онҳо ба ферма расиданд. Гулдаста хилъати говҷӯшиашро ба бар кард.Мӯйҳояшро зери рӯймолчаи сар зад.

– Очаҷон, мисли духтурҳо шудед.

– Писарам, болои ҳамин суфа нишин. Ба ягон чиз даст нарасон. Мабодо мудири ферма дида монад, ҷанг мекунад. Ман бошам тез говҳоямро ҷӯшида наздат меоям.

Зафар болои суфае, ки говҷӯшҳо баъди анҷоми кор дам мегирифтанд, нишаста гирду атрофро тамошо мекард. Ба ғайр аз модараш чанд зани дигар дер монда аз ӯ пурсиданд «мудири ферма ҳамин ҷо аст?» ва шитобон говҷӯшӣ назди говон рафтанд. Якчанд мард ба охурҳои гову мол ему беда меандохтанд. Подабоне гӯсолаҳоро барои чаронидан ба замини юнучқазор ҳай кард. Зафар ба

фикр фурӯ рафт «мудири ферма одами зӯр буда-аст, ҳама аз ӯ метарсанд, ҳатто очаҷони ман ҳам».

Дар ҳамин ҳолат марди қадбаланди шофбурут ба суфа наздик шуда:

– Ҳа, писарам, ту кӣ? – гуфт.

– Ман Зафар

– Писари кӣ мешавӣ?

– Номи модарам Гулдаста.

– Ҳа, модарат яке аз говҷӯшҳои пешқадами ферма мебошад. Сурати модаратро дар тахтаи «Машъалони мо» дидӣ?

– Не, надидаам.

– Синфи чанд мехонӣ?

– Се гузаштам.

– Оянда кӣ шуданиӣ?

– Мудири ферма.

– Чаро?

– Охир,ӯ зӯр аст, ҳама аз ӯ метарсанд, ҳатто очаҷони ман ҳам.

Шофбурут ханда карда бо нӯги ангуштон мӯйлабашро тоб дода:

– Барои мудири ферма шудан аввал бо баҳои хубу аъло хондан даркор,баъд бояд меҳнатдӯст бошӣ, сеюм, бояд ҳайвонҳоро дӯст дорӣ, фаҳмидӣ?



– Фаҳмидам, амакҷон.

Марди шофбурут мӯйлабҳояшро тоб дода аз назди суфа дур шуд.

Баъди чанде модари Зафар ширҳои дӯшидаашро полонда ба флагҳо ҷо карду дар як пиёла болои шир оварда :

– Канӣ, Зафарҷон, ин ширро дам каш. Дар фермаи мо духтурони ҳайвон ҳар рӯз аз аҳволи гову мол бохабар шуда меистанд. Барои ҳамин нотарсида сари шири нопухтаро хӯр, ки фоидааш калон аст.

Зафар ширро дам кашида пиёларо ба модар дароз кард.Гулдаста дид, ки изи хафи шир болои лабони писараш мисли мӯйлаби сафед мондааст. Ӯ хандида:

– Писарам, ана, бо як бор ба ферма омадан аллакай пир шудӣ, мӯйлабҳоят сап-сафед шуданд- гуфта бо дастрӯймол изи хафи ширро аз лабони Зафар тоза кард.

Модар тағйири либос карда аз дасти Зафарҷон гирифта «ба хона меравем», – гуфт.

– Очаҷон, тахтаи «Машъалони мо» дар кучо, ман мехоҳам онро бинам. Амаки шофбурут гуфт, ки сурати модарат дар он ҷо аст.

– Кадом амаки шофбурут? – бо изтироб пурсид Гулдаста.

– Шумо дар дохили ферма будед, амаки қадбаланди шофбурут омада бо ман гап заданд.

– Ту ягон беодобӣ накардӣ, бачам? Бо он кас бо ҳурмат гап задӣ, бачам?

– Бале, очаҷон, аз ман пурсиданд, ки кӣ шудан мехоҳӣ, ман гуфтам, ки мудири ферма.

– Воҳ, бачам, чаро ин хел гуфтӣ? Охир, ҳамон шофбурут мудири фермаанд. Ана, акнун писарат ҷои маро гирифтанӣ будааст, гуфта маро аз кор пеш мекунад, – Гулдаста аз дасти писараш гирифта кашолакунон аз ҳавлии ферма баромаданд. Ӯ аз қаҳр тез-тез роҳ мерафт, Зафар бошад баробари модар медавид.

– Очаҷон, мебахшед, ман нафаҳмидам. Ман ҳам хостам мисли он кас зӯр шавам ва ҳама аз ман тарсанд. Охир, ҳамаи шумо аз он кас метарсед-ку? Хайр, биёед, гашта ферма меравем, ман ба он кас мегӯям, ки мудири ферма намешавам.

– Роҳ гард, кори кардаатро кардӣ.

Аз байн чор сол гузашт.

Зафар бачаи ҳалиму меҳрубон ва меҳнатӣ калон мешуд. Ҳар гоҳе барои иҷрои ягон кор ба ҳамсояҳо ёрӣ лозим шавад, тайёр буд.

Рӯзе амаки Шодмон аз Зафар хоҳиш кард, ки дар ҷобаҷогузории беда ба ӯ ёрӣ расонад.

Зафар бо дилу ҷон розӣ шуд. Онҳо якҷоя ду мошин бедаро ба даруни каҳдон ҷой карданд.

Вақти хайрухуш амаки Шодмон ба Зафар як заргӯш туҳфа кард.

Зафар заргӯшро ба даст гирифта шоду хандон ба хонаашон рафта аз падар хоҳиш кард:

– Падарҷон, ман соҳиби заргӯш шудам, мехоҳам ба ӯ хонача созем ва сафи онҳоро зиёд кунем.

Хоҳиши писар ба падар хуш омад, онҳо аз чӯбу тахта барои заргӯш хонача сохтанд.

Зафар ҳар рӯз алафҳои тару тоза оварда заргӯшро сер мекард. Сабзӣ ва пӯсти мева медод. Заргӯш фарбеҳ шуд.

Рӯзе Зафар аз падараш пурсид:

– Падарҷон, кай заргӯши ман бача мезояд? Ман мехоҳам онҳо зиёд шаванд.

Падар ба Зафар ҳарфе нагуфта аз бозор як заргӯши модина харида овард.

Баъди чанде дар хонаи заргӯш якчанд заргӯшча ба дунё омад. Зафар аз тавлиди онҳо хеле шод шуд. Ӯ ният дорад сафи заргӯшҳоро зиёд карда ба бозор барад. Аз маблағи ба даст омада мурғу хурӯс харида онҳоро низ зиёд кунад. Охир,ӯ нияти мудири ферма шудан дорад-ку.

Дунё ба умед аст…

# РАФТОРИ НОҶО

Ҳамсинфон Тоҳир ва Зокир, азбаски аз мактаб дур зиндагонӣ мекарданд, ҳар пагоҳӣ савори автобус ба дарс мерафтанд.

Рӯзе онҳо дохили автобус шуда дар қатори пеш ҷой гирифтанд. Дар истгоҳи навбатӣ марди калонсоле вориди автобус шуд. Тоҳир тез хеста ҷой дод. Зокир бошад рӯяшро тарафи тиреза гардонда, гӯё машғули тамошои берун шуд.

Дар истгоҳи навбатӣ зане ба автобус даромад. Марди паҳлуи Зокир гашта ба ӯ нигарист, аммо Зокир, гӯё занро надида бошад, ҳамоно ба берун менигарист.

Мард чизе нагуфта хеста ба зан ҷой дод.

Зан ба мард «раҳмат» гуфта дар паҳлуи Зокир ҷой гирифту хам шуда ба гӯши ӯ чизе гуфт.

Дар истгоҳи навбатӣ Зокир шитобон аз автобус берун шуд.

Тоҳир:

– Зокир, ин истгоҳи мо нест. Дар истгоҳи оянда бояд фароем, – гуфта бошад ҳам Зокир ба тарафи ӯ нигоҳ накард.

Тоҳир низ автобусро тарк карда бо қадамҳои калон-калон ба Зокир наздик шуд.

Рангу рӯи Зокир суп-сурх шуда, аз ҳаяҷон тамоми вуҷудаш меларзид.

– Чӣ шуд ба ту, ҷӯра? – гуфт Тоҳир.

Зокир ба Тоҳир ҷавобе нагуфт. Онҳо хомӯш пиёда ба мактаб расиданд, аммо аллакай дарс сар шуда буд.

Муаллима Муътабар Абдуллоева сабаби дер мондани бачаҳоро пурсид. Онҳо сархаму хомӯш буданд.

Бачаҳои азиз, ба фикри шумо, зане, ки дар автобус дар паҳлӯи Зокир нишаста буд, ба ӯ чӣ гуфт?

# ҲИКОЯҲО

# ГУЛИ ЛОЛА

Субҳи содиқ шуоҳои хуршед чун торҳои заррин аз осмон, мегӯӣ, рост ба ҳавлии мо фуромада, бо ҷилои худ ба атроф нур меафшонданд. Баъди шустани дасту рӯ чун одати ҳаррӯза назди гулҳо ҳозир шудам. Атрофро накҳати гулҳои рангоранг муаттар гардонда буд. Суҳбатамро бо гулҳо оғозида, аз яке бӯй гирифтам, ба дигаре барои афтондани барги хушкаш ёрӣ расонида, ҳамаро бо оби мусаффо шустам. Гулҳои ҳавлӣ бӯи модар мекарданд. Охир, тухми ин гулҳо ва қаламчаҳои гули садбаргро аз хонаи модар оварда будам. Амонатак лаби суфа нишаста, хаёлан ба хонаи модар ва давраи кӯдакӣ парвозӣ шудам.

* * *



Модарам зани зебо буд. Сафедрӯ, чашмон мисли осмони диёр каб-кабуд, рухсораҳои шабеҳи барги гули лола суп-сурх, мӯйҳои ба зардӣ моил, чун абрешим ба нурҳои офтоб дурахшону пурҷило,

зани ғаюру чеҳракушод, ҳалиму меҳрубон, чевар, кадбону, аз ҳаёву меҳр дастовез дошту аз гулу гиёҳ пояндоз, бо насиҳату маслиҳатҳояш, оромӣ ва тамкини доимиаш гули сари сабади ҳар маърака буд. Ҳар гоҳе куртаи ҳалили сафедашро ба бар мекард, мехостам чашм аз ӯ наканам. Ранги сафед ба ӯ хеле мезебид. Куртазеб, ботану тӯш буд. Бароям зеботарин зани дунё буд.

Зебоиро дӯст медошт ва лаҳзаҳои фориғ аз заҳмати омӯзгорӣ, шуғли дӯстдоштааш парвариши гулҳо буд. Майдончаи назди ҳавлӣ ва пеши тирезаҳои хонаамонро гулҳои рангоранг оро медоданд. Ба машғулияти модар дида дӯхта, ҳаваси кас меомад. Баробари дурахши аввалин нурҳои хуршед модар ба назди гулҳояш ҳозир мешуд. Ӯ аз гармии офтоб, софии оби зулол, нармию хушпоругии замин, насими форами ҳаво истифода бурда, гӯё ҳар барги гулро дар алоҳидагӣ обборон мекарду навозиш. Бо гулҳо чун бо фарзанд меҳрубонӣ карда, ҳарф мезад ва ҳар рӯз гулҳои назди тирезаро ҷойгардон менамуд. Бо шукуфтани ҳар муғча чашмони осмонранги софу беғубораш аз хурсандӣ барқ мезаданд. Агар ҳамсояҳо келин фуроранд, як даста гули зебо чида, ба таги чодар медаромад ва ба навхонадорон таманно менамуд:

– Ҳаётатон чун гул зебо, зиндагиатон ботароват, муҳаббататон ҳамеша нафосати гулро дошта

бошад ва касе ба хонаатон қадам ниҳад, аз накҳати гул маст гардад.

Ба гаҳворабандон низ як даста гул мебурду гаҳвораи тифлро бо онҳо оро медод ва таъкид мекард:

– Бигузор ин тифл чашм кушода, аввал зебову атри хушро аз гул бубинад, ҳамеша зебопараст гардад.

Дар маросими мотам модар, албатта, гул мебурд ва тобутро бо гул оро дода, «маит бояд ба хонаи охираташ хушбӯй равад» мегуфт.

Агар аз кор ё аз меҳмонӣ омада, гулҳоро пажмурда медид, албатта мепурсид:

– Ба хона кӣ омада буд? Ғамгин буд ё бадқаҳр? Аз ҳолати рӯҳии ҳамон меҳмон гулҳо сархам шудаанд. Гул бисёр нозук аст, ҳолати шахси ба наздаш омадаро эҳсос мекунад. Аз сухане, ки шодӣ дорад, хурсанд шуда, аз ғам сархам мешавад, ҳис мекунад, ки разолат чисту муҳаббат чист, дурӯғу ҳақиқат ва нуру зулмотро дар худ акс мекунонад.

Ҳамеша таъкид мекард, ки аз суҳбати одами бефарҳангу бесавод худдорӣ намуда, суҳбати гулҳоро афзалтар бидонед. Рози дили худро ба гулҳо ифшо намоед, на ба дӯсти ҳарзагӯй. Хобатонро ба гул гӯед, на ба ҳасуд. Гул рамзи муҳаббат аст, агар ба касе арзи муҳаббат кардан хоҳед, ба ӯ гул тақдим кунед, дигар ҳоҷат ба сухан намемонад. Гулҳои пажмурдаро напартоед,

байни авроқи китоб гузоред, баъди солҳои зиёд, дар ҳолати варақгардон он лаҳзаи зиндагӣ ба ёдатон меояд. Дар хонае, ки гул парвариш мекунанд, ҳамеша баҳор аст. Шахсе, ки ба гул бисёр менигарад, тароватu рӯяш, латофату нафосаташ даҳчанд зиёда мегардад.

Ҳар гоҳе дугонаҳои ҳамсинфам ба хонаамон меомаданд, пеш аз рафтан назди гулҳо истода, онҳоро бӯй мекашиданд, ҳаловат мебурданд. Ман бошам, ба ҳар кадомашон дастаи гул медодаму гуселашон мекардам. Баъди рафтани онҳо модар ба коҳиш:

– Духтарам, гул барои бӯидану ҳаловат бурдан аст на барои кандану партофтан. Охир, дугонаҳоят ба хонаҳояшон нарасида, гулҳо пажмурдаву зери по мешаванд, – гуфта ғур-ғур мекарданд.

Аз хаёл мегузаронидам: «Барои ду-се даста гул модар ин қадар дилтангӣ мекунанд?» ва ба тавре аз ӯ меранҷидам…

Солҳо гузаштанд. Ман низ соҳиби хонаву дар ва фарзандони дӯстрӯ гаштам. Рӯзи истироҳат буд. Модар ба меҳмонӣ омад. Ба дарун хондам, аммо ӯ ба суфаи зери дарахти тут, ки дар иҳотаи гулҳо сохта будем, ишора карда гуфт:

– Духтарам, биё, дар ҳавои тоза, дар иҳотаи гулҳо бишинем.

Ҳар гоҳе бибӣ меҳмони хонадон мешуд, барои набераҳо он рӯз тӯй буд. Ҳар кадом мекӯшид, ки назди бибӣ худро аз тарафи мусбат нишон диҳад. Фарида дастархон кушода, онро аз хӯрдание, ки бибӣ дӯст медошт, пур мекард, Фазила чанд қабат кӯрпача густурда, болиштҳои пари қу оварда, зери оринҷи бибӣ мемонд, Фотима шеъри нав азхудкардаашро ифоданок мехонд, чунки модар, ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса медод. Манучеҳр бошад, гулҳоро бо найчаи резинӣ, ки дар байни ҳавлӣ мисли мор хобида буд, обборон карда:

– Бибиҷон, гулҳои ҳавлии Шумо зебоанд ё аз мо? – мегуфт ба тавраш аз гулҳои ҳавлӣ баифтихор.

– Офарин, сад офарин! Ин қадар гулҳои зеборо дар як ҷо ҷамъ овардан худ як ҳунари волост, – мегуфт қаноатмандона модар.

– Бале, модарҷон, шуғли гулпарварӣ ирсӣ будааст. Ман низ мисли шумо парвариши гулҳоро дӯст медорам – мегуфтаму барои овардани ғизо ба ошхона медаромадам.

Овози модарам меомад, ки ба набераҳо мегуфт:

– Модари шумо ба куҷое сафар накунад, хоҳ сафари хизматӣ бошад, хоҳ истироҳат, аз ҳамон кишвар ба ман, албатта, туҳфа – тухми гул меовард. Чанд вақт боз туҳфа наовардааст. Дар байни гулҳоятон гулҳои навро мебинам. Лолаи сурху зардро дида будам, аммо лолаи сиёҳро акнун ме-

бинам, Ҳусейнҷон, ҷонакам, як дона аз ҳамон гул канда биёр.

Косаҳои пур аз ғизо дар дастам давида баромада дидам, ки аллакай Ҳусейнҷон як дона гули лолаи сиёҳ дар назди модар рост меистод.

– Ин чӣ кори кардаат буд? Наход инсон чунин гули нодирро канад?! Охир, гул барои дидану бӯидан ва ҳаловат бурдан аст, на барои канда ба рӯи хок партофтан! – гуфтам ба сӯи Ҳусейнҷон.

Модар аз шунидани суханони ман табассуми маънидор карда:

– Духтарам, меҳнат чизи ширин будааст-а? Ёд дорӣ, вақте ки ба дугонаҳоят даста-даста гулҳои ҳавлиро чида медодӣ, ман фикр мекардам, ки тор-тори диламро канда истодаӣ, лекин дар назди дугонаҳоят туро ҷанг намекардам, меандешидам, ки ба ту суханонам сахт нарасанд. Ту бошӣ, барои як дона гул Ҳусейнҷонро коҳиш додӣ.

Косаҳои ғизоро ба дастархон монда, дар назди модар бо зону нишастаму бо сари хам «мебахшед, модарҷон» гуфтам…

* * *

– Ассалом, модарҷон, ассалом, очаҷон,– гӯён фарзандон ба наздам омаданду: – чаро чашматон тар аст? Магар гиря кардед? Очаҷон, мабодо бемор нашуда бошед? – саволборонам карданд.

– Не, ҷонакои ман, бемор нашудаам, ба гулҳои шукуфта нигариста, ҳавлии модар ба ёдам омад. Машомам пур аз накҳати модар гашт. Биёед, як даста гул чида, сари манзили бибиатон меравему рӯҳашро шод мегардонем, – гуфта бо фарзандон тарафи тепаи «Уртабуз», ки водии хомӯшони ноҳия дар як гӯшаи он ҷогир аст, роҳ пеш гирифтем…

Аз дур қабри модар, ки болояш пур аз гул буд, намудор гашт…

## ГАҲВОРА, НОН, КИТОБ…

– Модарҷон, модари ширинам, ёдатон кардам. Нони сурху гарму хушбӯи нав аз танӯр кандаву шири навдӯшидаатонро ёд кардам. Мехоҳам сари зонувони нарматон сар бимонаму чун даврони пешин ҳаловат барам. Аммо…

– Поям дард кард. Як зани калони соҳиби панҷ фарзанд, мисли тифлакон ноз мекунӣ. Хез, поям дард кард! – гуфтанҳоятон ба хотирам мерасаду…

– Сарам вазнин нест-ку? Зонувонатон мисли пари қу нарманд. Барои чӣ дард мекунанд? – ба хотирам меояд нозу нузи бемавридам.

– Хез, охир зонуям дард кард. Ман ба 80 даромадаам. Як зани каппа-калон, ба 40 даромадаасту рафтораш рафтори кӯдакона.

Ҳис мекардам, ки аз ин нози ман ҳаловат мебурдед.

Ширинзабон будед. Ҳеҷ гоҳ баланд гап намезадед, ҷангу коҳиш намекардед. Фақат як бор, як бор сахт ҷангам кардед. Аз қаҳр пайкаратон бедвор ларзид. Як умр ин ларзиш аз ёдам намеравад.

Зимистон буд. Нон пухтанӣ будеду сари танӯр ҷунбуҷул доштед. Ман аз мактаб омада, тағйири либос кардам ва ба наздатон, сари танӯр, омадам. Он вақт синфи 5-ум мехондам.

Ҳезуми тар дар намегирифт. Пуф мекардед, дар таги ҳезум хасрӯбаҳои тарро монда мехостед оташро даргиронед, ҳеҷ не ки аланга занад. Нонпазхона пур аз дуди сиёҳ шуда буд. Сӯи оғил рафтед, то ҳезум ё тапаки хушк оварда, оташро даргиронед.

Ман давида аз ҷевон як китоби кӯҳнаи варақҳояш зардшудаи бо хати ба ман ноошно навиштаеро гирифта, аз он як ду варақ кандаму оташро фурӯзон кардам. Аз кори кардаам шод будам.

– Модарҷон, ман оташро даргирондам. Бинед, оташ аланга мезанад! – шодикунон хабар расондам.

Дар даст тапак омада, ба алангаи оташ нигоҳ кардеду, ба дасти ман, ки варақҳои китобро якто-якто даронда, ба оташ меандохтам.

Китобро аз дастам кашида гирифтед. Дастонатон меларзиданд, балки саропо меларзидед. Бо нигоҳи маломату мазамматомез, бо чашмони пурашк китоби куҳнаи зардшударо ба синаатон зер кардед.

– Чӣ кори кардаат буд? Кӣ аз ту хоҳиш кард, ки оташ гиронӣ? – гуфта маро аз пеши танӯр дур сохтед. Бори нахуст дар чунин ҳол медидаматон. Ба оташ нигариста, бо гӯшаи рӯймол ашки чашмонатонро поккунон бо оҳу ҳасрати сӯзон китобро сахттар ба қалбатон зер кардед.

Оташ то чанд аланга мегирифт.

Модар, бо ҳаяҷони шадиду ларзиши дил ба замин нишастед. Чизе нагуфтед, ба сӯям нигоҳ ҳам накардед. Китоби куҳнаи варақҳояш зардшударо бӯсида, ба чашмони пурнам мемолидед.

Ҳаво низ якбора тағйир ёфт, гирист, бо борон нею бо барфҳои калон-калони лаклакӣ. Ҳама ҷо сап-сафед шуд. Шамол як-ду дона барфро ба рӯям зад. Барф мисли шарораи сӯзон рӯямро лесида об шуд. Ба хаёлам чун кундаи тар дуди сиёҳ баровард, на танҳо оташхона, балки он дунёи хурдакаки дили ман пур аз дуди сиёҳ шуд.

То ҳанӯз он лаҳза ва гиряи талхатон аз хотирам зудуда нагаштааст.

Гуноҳамро надонам ҳам, наздатон нишастаму суоломез сӯятон нигаристам, ноаён ашки сӯзонро

бо муштҳои хурдакакам пок кардам.



Оташ оҳиста-оҳиста хомӯш гашт, хамир турш шуд.

Азбаски он вақт хурд будам, дардатонро намефаҳмидам. Акнун дарк мекунам, ки барои чӣ ҳамон рӯз хомӯширо авло донгиста будаед.

Фақат як чизи муқаддасро фаҳмондед:

– Духтарам, ҳеҷ гоҳ ба сӯи китоб, гаҳвора ва нон пой дароз накун, ки убол аст.

Солҳо гузаштанд, ман калон шудам. Сабаби ба қаҳр омаданатонро дер, хеле дер фаҳмидам.

Имрӯз дар дӯкони модар бо фарзандонам гирд омада, модарро ёд мекунам, ба фарзандон бо фахр дар бораи модар сухан мегӯям.

Ҳар гоҳе ба зодгоҳам – Фархори куҳан сафар кунам, аз ҳама ҷо: аз хиёбонҳои пур аз гулҳои шабнамзадаву хушнакҳату хушрӯй, аз боғу роғи гулафшон, аз оруву мурғакони пуркор, аз дарахтони сермеваи пурбор, аз инсонҳои баору номуси ин диёр, хулоса, аз ҳама чизу аз ҳама кас, аз одаму олам ба машомам бӯи модар меояд… Ин аст, ки Фархорро бо бӯи модар дӯст медораму модарро бо номи Фархор.

Модарҷон, ҷон модарҷон, ёдатон кардам!

Гуфтаниҳои зиёд дорам, аммо қалам оҷизӣ мекунад, то бузургиатонро васф кунам… Ҳазор афсӯс…

# НАВҲАИ АСП

Бомдод, даме ки лаби уфуқ оташ мегирад, бо шиҳаи аспи бародарам аз хоби ноз бедор мешавам. Асп гӯё шиҳа намекашид, суруд мехонд. Дар шиҳаи ӯ савти хуши кабкони кӯҳсорон, шилдироси гӯшнавози оби чашмасорон, чаҳ-чаҳи булбулони саҳаргоҳон, насими форами чаманистон, овози хуши най, навои танбӯр омехта мафтунгару хушсадо ба гӯш мерасад.

Ҳар гоҳе бародарам савори аспаш мешуд, асп бовиқор ва хиромон пой мемонд ва бо чашмони зебояш, ки аз зери мижгонҳои дарозаш ҷолибтар менамуд, ба ҳар тараф мағрурона назар мекард. Мехост донад, ки атрофиён оё мебинанд, ки киро болои зинаш савор кардааст. Дар ин лаҳзаҳо ёлу думи асп торафт дарозу зеби тамошо мешуд. Думи зебояш, ки мисли торҳои абрешим ҷило медод, дам ба дам ба сӯе партофта мешуду, ба ҳусни асп ҳусн зам мекард. Ҳар гоҳе насими форами саҳаргоҳон ёли аспро мепарешиду болои чашмонаш меовард, ӯ бо як такони сар онҳоро тарафе меандохт, мегӯӣ ҳамин гуна шона мекард. Чун ба давидан медаромад, намоишкорона наъли сумҳояшро нишон медод. Мегӯӣ аз нуқра бошад. Бо нури хуршед бархӯрда, ҷило дода, чашми бинандаро мебурд.



Бародарам вақте аз зин поён мешуд, албатта ёлу гардани аспашро бо навозиш сила ва бо панҷа шона мекард. Асп низ ба меҳрубонии бародарам ҷавоб гуфта, хам шуда дастони соҳибашро мелесид.

Бародарам шӯхикунон:

– Дидед, чи аспи бомаданияту боақл дорам, мисли ашрофзодаҳо дастамро бӯсидан мехоҳад-мегуфту самимона хандаи баланд мекард, ки ба худаш аҷаб зебанда буд.

Тибқи мучали чинӣ асп рамзи хирадмандӣ ва ақлу фаросати баланд мебошад. Наъли аспро бисёр миллатҳо барои дур задани нияти бади дароянда пушти дар овезон мекунанд.

Ҳангоми зоидани модари аспи бародарам расид, падарам таъкид карданд, ки баъди таваллуд ба курраи асп ягон кас наздик нашавад.

Байтал сабук шуд. Тойи зебое таваллуд кард. Ӯ барои он ки ба куррааш осебе нарасад, шиҳаи таҳдидомез кашид. Нигоҳи қаҳролудашро ба ҳар тараф партофт. Хеле беқарор буд. Охир, ӯ модар шудааст. Ҳама модар – хоҳ инсон, хоҳ паранда, хоҳ ҳайвон барои амнияти фарзанд як хел месӯзанд.

Асп ба тойчааш нигарист. Ӯ базӯр болои пойҳои харобакаш меистод, мекалавид гоҳ ба ин сӯву гоҳ ба он сӯ. Байтал бо меҳрубониҳои зиёд сару фук ва пешонӣ, бехи гӯшу дасту пои ӯро

мебӯид, мелесид. Ба як дам ранҷи ба зоиш кашидаашро аз ёд бурда, сина сипар кард, ки хавфе ба фарзандаш нарасад. Рисолати модариаш ин буд.

Баъди ду рӯз тойча бебокона ҳар сӯ меҷаҳид, боло-боло парида, мегӯӣ зери навои шӯх мерақсид. Асп хурсанд буд ва қаноатмандона фукашро бовиқор боло бардошта ҳамёза мекашид. Охир, ин тойча фарзанди ӯст, давомдиҳандаи ин зоти маълуму машҳур.

Бародарам ҳамеша таъкид мекунанд:

– Бо асп чун бо инсон рафтор кунед. Хусусиятҳое, ки инсон дорад – ба мисли шунавоӣ, биноӣ, фаҳми бӯи баду хуб, маззаи даҳонро асп низ дорад. Давраҳои пеш дар ҳама кор асп ёрирасони инсон буд, ҳатто барои ба даст овардани оташ.

Дар китоби «Қуръон» дар ояти 100 Сураи Одиёт (аспони даванда) омадааст: « …қасам ба аспоне, ки ба наъли худ сангро зада оташ мебароранд».

Асп ҳар гоҳе овози шиносро шунавад, хурсандона шиҳа мекашад. Аз бӯи бад ҳазар мекунад. Дар торикии шаб аз фарсаххо соҳибашро шинохта, рӯҳи тоза мегирад. Чунонки ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»и безаволи худ дар боби «Гирифтани Рустам Рахшро» мегӯяд:

*Ба шаб мӯрча бар палоси сиёҳ,*
*Бидидӣ ба чашм аз ду фарсанг роҳ.*

«Авасто» низ аз биноии асп чунин мегӯяд: «Ончунон неруи биноӣ, ки асп дорост, дар шаби тира, агарчи борон биборад ва жолаву тагарг фурӯ резад – мӯи аспе бар замин афтодаро бозтавонад шинохт, ки аз ёл ё думи асп аст»

Асп агар хуб тарбия ёфта бошад, дӯсти беҳтарини инсон шуда метавонад. Асп хотираи хуб низ дорад; роҳи якчанд сол пеш дидаашро ба осонӣ ёфта соҳибашро ба ҷои даркорӣ мерасонад.

Асп аз пешомади ҳодисаҳои баду хуб зуд огоҳ мешавад ва бо беқарории худ онро аёну баён месозад. Вақте ки дар ҷумҳурӣ бесарусомониву нофаҳмиҳо сар заданд, модари ҳамин асп як ҳафта чизе нахӯрд, чӣ беқарориҳое кард, ин тарафу он тараф чорхез мезад, хашмолуд шиҳа мекашид, хеле маъюс буд.

Боре, вақте ҷисми бечони писари ҳамсояро дар хун оғушта оварданду ҳама хешу табор ва ҳақу ҳамсояҳо ашк мерехтанд, дидам, ки аз ду бари рӯи асп низ ашк резон шуд.

Имрӯз, ки бародари азизам меҳмони хонаи падар аст, ба шуғли дӯстдоштааш овора, аспсаворӣ дораду аспнавозӣ. Охир, ӯ хеле серкор аст ва ху-

мори аспсаворӣ дар ниҳодаш ғун шуда меистад. Бӯи деҳа назди аспонаш меорад. Ҳамин ки пайт ёфт, болои зини аспи азизаш мебинӣ, хумор мешиканад.

Ба аспи бародарам менигараму аз дилам мегузарад: миёни 160 намуди аспе, ки дар ҷаҳон ҳаст, бо қаду қомати зебояш аспи бародарам ягона будагист. Мувофиқ ба соҳибаш, чунки бародарам, низ дар қаду қомату ақлу фаросат яктову ягона аст. Чӣ зебоянд ин ду, ки хеле азизу дӯстдоштанианд.

## АКАҶОН, ИН МАНАМ, НОДИРА

Фасли зимистон. Ҳаво хеле сард буд. Дар ҷангалҳои Сибир барф беист мебориду меборид. Мардикороне, ки аз Тоҷикистон, барои маблағе ба даст овардан, ба ин гӯшаи дурдаст омада буданд, ба ҳавои сарди ин сарзамин мутобиқ шуда наметавонистанд. Дар хонаи сайёри оҳанин (вагон), ки аз ду утоқ иборат буд, 18 нафар тоҷикписар истиқомат доштанд.

Корфармо марди зардинаи қадбаланди миёнаумр, ки амаки Иван номаш мебурданд, ҳар ҳафта як бор омада, кори ба анҷом расонидаи мардиконро қабул мекард.

Ин пагоҳӣ низ ӯ омада дарахтони буридаи мардикоронро дида, қаноатмандӣ баён кард. Онҳо илова ба нақша дарахт бурида буданд.

Иван-амак дар байни тоҷикписарон Наимро надида, аз ҳамроҳонаш ӯро пурсон шуд.

– Ба Наимҷони мо пули зиёд лозим аст, аз ҳамин сабаб ӯ шабу рӯз кор мекунад, ҷонашро дар хатар монда, ин пагоҳӣ низ ба сардии ҳаво нигоҳ накарда, ба ҷангал рафт, – гуфта роҳбари гурӯҳ амаки Фаридун амали Наимро ба корфармо маънидод кард.

– Ба Шумо пул лозим нест? – гуфт Иван-амак.

– Лозим аст, хонаву дар, зану фарзандон, диёри маҳбуб гуфта барои ба даст овардани маблағ омадаем. Аммо чун Наим мо девона нестем, ки ҷонамонро ба пул иваз кунему фарзандонамон барои зиёрати қабри мо ба Сибир оянд. Ӯ, дар ҳақиқат, девона аст. Панҷоҳ дар сади дарахтонеро, ки мо дар 1 ҳафта буридаем, ӯ танҳо буридааст. Боқимонда 50 фисадашро мо, 17 нафар, буридаем, – гуфт амаки Фаридун.

– Ҳамшаҳриҳо, ман пагоҳ ба шаҳр меравам, агар ягон хоҳиш дошта бошед, бегоҳи навишта ба ман диҳед, – гуфта амаки Иван бо онҳо хайрухуш кард.

Бегоҳӣ дар хонаи оҳанин ҳама мардикорон ҷамъ омада буданд. Ба оташдони оҳанин беист кундачаҳои майдакардаро мепартофтанд, қарсқурс сӯхтани ҳезум ба гӯш мерасид, аммо хонаи оҳанини онҳо ҳеҷ не ки гарм шавад.

Наим низ баъди кори вазнини рӯзона назди оташдон нишаста дастонашро гарм мекард. Ӯ ҳамеша хомӯш буд. Ба суҳбати дигарон ҳамроҳ намешуд. Ба саволҳои онҳо ё «ҳа» мегуфт ё «не». Чун одамони ғамзада доимо маъюсу ғамгин буд.

Иван-амак тибқи ваъда бегоҳӣ омада, хоҳиши дар варақчае навиштаи амаки Фаридунро гирифт ва ба Наим рӯ оварда:

– Писарам, ту ягон хоҳиши шахсӣ дошта бошӣ, ман аз шаҳр биёрам, – гуфт.

– Иван-амак, агар тавонед, ба ман китоби «химия» ва «биология» биёред.

– Китобҳои гуфтагиатро меорам, аммо ба забони русӣ. Мешавад?

– Мешавад, амакҷон, дар муддати ду сол ман русиро хуб омӯхтам, дар мактаб низ аз фанни забони русӣ баҳои «4» ва «5» мегирифтам. Муаллимаамон Екатерина Дмитриевнаро ҳама дӯст медоштем ва дарсҳояшро азхуд мекардем, то ҳозир шеърҳои додаи ӯро азёд медонам.

Баъди як ҳафта Иван-амак омада, дар роҳ бо Наим вохӯрд, ки дарахт мебурид. Ӯ мошинро боздошта:

– Мана, писарам, хоҳишатро иҷро кардам, китобҳои гуфтаатро овардам, – гуфт.

– Раҳмат, амакҷон! Ман дар вақтҳои бекорӣ онҳоро мехонам.

– Охир, ту вақти бекоре надорӣ-ку? Шабу рӯз меҳнат мекунӣ. Ана, ҳозир ҳам ҳама дар хонаи гармакак, ту бошӣ, дар ҳавои сард дарахт мебурӣ. Биё, даруни мошини ман даро, ин ҷо гарм, каме суҳбат мекунем.

Наим аз ин таклиф рӯ гардонда наметавонист ва либосҳояшро аз барф тоза карда ба мошини Иван-амак даромад. Иван-амак ӯро бо қаҳва зиё-

фат кард: ӯ доим дар мошинаш, дар зарфи махсус, қаҳваи гарм мегардонд.

– Писарам, китобҳо барои ту чӣ даркоранд? Магар ба донишкадаи олӣ дохил шуданӣ?

– Бале, амакҷон, ман орзу дорам, ки ҷарроҳ шавам.

– Пули бисёр барои дохил шудан лозим аст?

– Не амакҷон, ман дар хурдӣ гуноҳи азиме кардаам, мехоҳам пули зиёд ба даст оварда, он гуноҳамро шӯям.

– Чӣ хел гуноҳ?

Наим оҳи вазнине кашида гуфт:

– Амакҷон, ин қиссаи дуру дароз аст. Ҳам вақти Шуморо мегирам, ҳам вақти худро. Дар ин муддат ман чанд дарахт мебурам.

Ҳисси кунҷковии Иван-амак боло гирифт, ӯ хоҳиш кард:

– Писарам, нақл кун, ман вақт дорам, дар бораи дарахтони набуридаат ягон фикр мекунем.

Наим дар андеша ғӯтавар ба зодгоҳи офтобрӯяаш Тоҷикистон баргашт ва ҳодисаи 20 сол пеш рӯйдодаро ба ёд овард…

* * *

Оилаи Наимино, дар яке аз ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон, дар сарҳади Афғонистон зиндагӣ мекарданд. Деҳаи онҳо дар мавқеи хушманзарае

ҷойгир аст. Аз як тараф, тепаҳои сарсабз ва аз тарафи дигар, дарёи Панҷ бо оби мусаффои худ пахтазори деҳаро сероб мекард. Баҳор ин диёр макони афсонавиеро мемонд. Тепаҳоро майсаву себарга ва гули лола чунон устокорона оро медод, ки бинанда фикр мекард, рассом бо рангҳои гуногун нақши чаканро болои он тепаҳо кашидааст. Шир-шири ҷӯйчаҳое, ки об аз дарёи Панҷ ба онҳо ҷорӣ буд, ба кас ҳаловат мебахшид. Боғи хурмо ва токзоре, ки дар деҳаи онҳо доман паҳн карда буд, аз чаҳ-чаҳи булбулон ва хониши дигар парандагон ҳамеша пур буд.

Ҳавлии миёнаҳолонаи Наимино дар як гӯшаи деҳа ҷойгир аст. Падараш – амаки Пӯлод тракторчии пешқадами деҳа буд. Ӯ ҳамеша супоришҳои роҳбарияти хоҷагиро барзиёд иҷро мекард. Рӯз дар заминҳои хоҷагӣ ва шаб дар заминҳои шахсии аҳли деҳа, ки аз талу тепаҳо ба онҳо ҷудо шуда буданд, кишт мекард. Кӯшиш мекард, аҳли оилааш ягон камбуде надошта бошад. Вақте ки ӯ аз кор бармегашт, аллакай посе аз шаб гузашта буд ва оҳиста ба хонаи хоби фарзандон даромада, аз пешонии Наим ва духтарчааш Нодира бӯсида хоб мерафт. Пагоҳӣ барвақт аз паси кор мешуд.

Модараш Сабоҳат низ дар колхоз кор мекард, азбаски Нодира ҳоло яксола нашуда буд, он

баҳор модараш ба саҳро ба кор набаромад. Наим чорсола буду аз ташвишҳои зиндагӣ хеле дур. Доимо аз кафои модараш мегашт. Агар модар назди мурғон равад, ӯ низ кафашро пури дон карда, ба онҳо дон медод ва ҳар пагоҳӣ тухмҳои мурғонро ба катак даромада мегирифт ва шодон назди модар метохт. Агар модар назди гову мол равад, албатта, Наим дар он ҷо ҳозир буд ва ба говҷӯшии модар наззора карда, мехост ба ӯ ёрӣ диҳад. Оилаи Наимино ба миёнаҳолӣ нигоҳ накарда, хеле хушбахт буданд.

Он рӯзи шум якумр дар ёди Наим мондааст ва мемонад. Қарибиҳои нисфирӯзӣ одами бисёре ба ҳавлиашон омаданд, фиғони модар гӯши фалакро кар мекард. Падар дар вақти таъмири трактораш беаҳамиятӣ карда, дар зери чархҳои он мондааст.

«Хонамой, хонамой, хонамой! – гуфтани модар дили ҳар шунавандаро реш-реш мекард. – Маро бо ду кӯдаки хурд ба кӣ партофта рафтӣ?» – модар рӯю мӯяшро меканд.

Хешу табор ва ҳамсояҳо таскинаш доданӣ мешуданд, аммо бенатича.

Наим падарро аз боиси серкориаш, ба серӣ надида буд, аммо чеҳраи рӯзи дафни ӯ як умр пеши назараш монд.

Хизмати Пӯлоди тракторчӣ ба ҳама мерасид ва ӯро дар деҳа ҳама дӯст медоштанду ҳурмат ме-

карданд. Барои гусели сафари охират аз рӯи сипос ҳама аҳли деҳа ҷамъ омада буданд.

Дар назари Наим қади баланди падар баъд аз мурдан боз дарозтар шудааст. Абрӯ ва мӯйлабҳои сиёҳаш дар рӯи сафеди каме офтобхӯрдааш падарро боз ҳам зеботар нишон медод.

Матои сафеде, ки дар рӯи падар партофта буданд, пур аз хун буд.

Вақти гусели падар ҳама мардони деҳа ба болои тепае, ки қабристони сокинони деҳа буд, баромада буданд. Бобои Наим, дар як дасташ асо, дасти хурдакаки набераашро дошта, оҳиста-оҳиста «воҳ бачам, воҳ тобутбардорам, қуввати дилам, миёни хамгаштаамро шикастӣ! Охир, писар тобути падарро мебардошт, на падар тобути писарро. Кошки, Худованд ҷони маро мегирифт, воҳ бачам...» – гуфта ба болои тепа назди қабри писар расид ва дар як гӯша нишаста талху зор гирист.

Мегӯянд мурдани падару модар мерос асту марги фарзанд тири алмос. Ин сухан, дар ҳақиқат, дуруст будааст.

Баъди ҷаноза бобо маҷоли ба деҳа баргаштан надошт: ӯро ду ҳамсоя аз бағалаш дошта, ба хона оварданд.

Баъди ду моҳ мӯйсафед низ бо ин дунё падруд гуфт. Ҳама шикастурехти зиндагӣ бар дӯши мо-

дар афтод. Ӯ кӯдаки хурд дошта бошад ҳам, ба кори саҳро баромад. Рӯзи дароз Наим бо хоҳарчааш Нодира дар хона танҳо буданд. Модар пагоҳӣ Нодираро дар гавҳора баста, аз Наим хоҳиш мекард, ки агар хоҳарчааш гиря кунад оҳиста ӯро ҷунбонад. Нисфирӯзӣ ӯ аз саҳро омада, кӯдаконашро сер мекарду боз Нодираро дар гаҳвора баста, ба саҳро мешитофт.

Бегоҳӣ бошад, як дарза алафро болои сар ниҳода, барои ғизои гов меовард. Ҳамин тавр, рӯзҳо паси сар мешуданд.

Наим баъди фавти падар дигар хандаи модарро надид. Ӯ доимо серкор, доимо ғамгин буд.

Мегӯянд ғаму дард танҳо намеояд, ҷуфт-ҷуфт меояд. «Касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад».

Рӯзе пагоҳӣ модар ба саҳро рафта таъкид кард:

– Наимҷон, ту калони хона, марди хона, аз хоҳарат бохабар шав. Гаҳвораро сахт наҷунбон, боз Нодираҷон наафтад. Охир, ту чорсола шудаӣ, ҳама гапро мефаҳмӣ. Дари хонаро кушода намон, ҳаво хеле сард шудааст, боз хоҳарчаат хунук хӯрда касал нашавад.

Баъди ба саҳро рафтани модар Наим каме дар берун бозӣ карду овози гиряи хоҳарчаашро шунида ба хона даромад. Ҳарчанд Наим гаҳвораро меҷунбонд, Нодира гиряро бас намекард. Наим

дасту рӯи Нодираро бо дастонаш дошт. Ях барин хунук буданд. Он тарафу ин тарафи хонаро аз назар гузаронда, дар кунҷи хона бухории барқиро дид ва тез онро ба назди гаҳвора оварда, ба кор даровард.

Баъди чанде ҳавои хона каме гарм шуд, Нодираро хоб бурд. Наим дид, ки хоҳарчааш хоб рафтааст, ба ҳавлӣ баромада бозӣ кард. Гиряи гӯшхароши Нодираро шуниду Наим давида ба хона даромада дид, ки рӯйпӯши гаҳвора месӯзад. Хост наздик шавад, аммо аз алангаи оташ тарсида:

– Очаҷон, очаҷон, хоҳарам сӯхт, Нодира сӯхт! – гуфта ба саҳро назди модар тохт. Дар роҳ кампири ҳамсоя «Наимҷон, ба ту чи шуд?», – гуфта пурсад, – Хоҳарам сӯхт! – гӯён беист медавид.

Кампири ҳамсоя момаи Роҳила ба хонаи Наиммино даромада, он даҳшатро диду тез рӯпӯши гаҳвораро, ки нимаш сӯхта буд, гирифта, ба як тараф партофт ва аз даруни гаҳвора дастбандаку побандакро кушода, Нодираро ба даст гирифта ба берун баромад. Кӯдак аз сӯзи дард фиғон мекард.

Модари ҷигаррехта аҳволи духтарчаашро дида, дод гуфту аз ҳуш рафт.

Ягона қабулгоҳи тиббии деҳа доруе надошт, ки ёрии аввалиндараҷа расонда тавонанд.

Модар намедонист ба кӣ, ба куҷо муроҷиат ку-

над. Ҳамсояҳо мошини сабукраверо ёфта, модару духтарро ба маркази ноҳия, ба беморхона, гусел карданд.

Сабоҳат бо духтарчааш 20 рӯз дар касалхонаи ноҳиявӣ табобат гирифта, ба хона баргашт.

Аз Нодираи зебояку дӯстрӯяк нишоне намонда буд. Рӯй ва гардани ӯ сӯхта, пажмурда шуда, хеле безеб менамуд. Дар муддати 20 рӯз Наим дар хонаи ҳамсояҳо рӯз мегузаронд.

Хонаи ғамзадаи Наимино мотамхонаро мемонд. Нодира шабу рӯз мегирист, дарди сӯхтагӣ хеле вазнин аст. Ӯ забон надошт, ки гӯяд, кучҷояш бештар месӯзад.

Модар дигар ба кори саҳро ҳам баромада натавонист. Ягона говашонро фурӯхта ба табобати Нодира харҷ карданд. Зиндагиашон рӯз ба рӯз бад мешуд.

Сабоҳат ҳар боре ба духтарчааш менигарист, дилаш реш-реш мешуд. Ягон илоҷ надошт. Рӯзҳо паси сар мешуданд. Наим мактабхон шуд. Ҳар рӯз баъди дарс ӯ ба хоҳарчааш китоби «Алифбо»-и суратдорашро нишон дода, шеърҳои азёдкардаашро мехонд. Нодира хеле зеҳни тез дошт, даррав ӯ низ шеърҳоро азёд мекард. Нодира дар панҷсолагӣ ҳама ҳарфҳоро медонист, ба ҳар ҳарф шеъре азёд медонист ва то 100 ҳисоб мекард.

Аммо аз мазоҳу масхараи кӯдакон берун баро-

мада наметавонист. Кӯдакон аз пасаш «сӯхтагӣ» «сӯхтагӣ», – гуфта масхара мекарданд.

Баъди ҳар кӯча баромадан ӯ гирён ба хона меомад. Наим бошад, албатта, баромада кӯдакони шумро латукӯб мекард. Падару модарони онҳо назди Сабоҳат шикоят меомаданд.

Рӯзе Сабоҳат тоқаташ тоқ шуда, Наимро сарзаниш карда:

– Аз пушти ту, гул барин духтарам сӯхта боиси масхараи кӯдакон шудааст, бас нест, ки ҳар рӯз ҳамсояҳо аз ту шикоят меоянд. Мемонӣ тинҷу осуда зиндагӣ кунем ё не?

Ин суханони модар ба Наим чунон сахт расид, ки гунаҳкори асосии бадбахтии хоҳарчаи ба ҷон баробараш ӯ буданашро ҳис карда, ба кунҷи хона хазид, гирист. Нодира низ ба Наим ҳамроҳ шуда гиристанд. Модар, аз гуфтааш пушаймон, фарзандонашро ба оғӯш гарифта, зор-зор мегирист.

Рӯзҳо мегузашт. Нодира ҳафтсола шуд ва ӯро ба мактаби деҳа бурданд. Дар мактаб ҳама ба ӯ масхараомез нигоҳ мекарданд, аз пушташ механдиданд.

Дар синф касе бо ӯ наменишаст, ҳама аз ӯ худро канор мегирифтанд.

Рӯзи 1 сентябр низ ба хонаи онҳо хурсандӣ наовард. Нодира гирён аз мактаб омада:

– Дигар мактаб намеравам, – гуфта гирист.

– Нодираҷон, ту ҳама ҳарфҳоро медонӣ, ҳатто мехонӣ, аз ҳамаи ҳамсинфонат ту босаводӣ. Каме тоқат кун, ман калон шуда, ҷарроҳ мешаваму туро ҷарроҳӣ мекунам. Зебо ва нозанин мешавӣ, – гуфта Наим ӯро таскин дод.

Аз ҳамон рӯз сар карда дар дили Наим як мақсад – «хонда духтур шудан ва хоҳарчаашро мисли пештара зебо дидан буд». Барои ин шабу рӯз мехонд.

Нодира низ ба суханони бародараш гӯш дода, мактабро тарк накард, аъло мехонд.

Наим баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба донишкадаи олии тиббӣ супорид, аммо дохил нашуд. Ҳамаи имтиҳонҳоро супорид аммо… Ӯ дигар ба деҳа баргашта наметавонист. Охир, чӣ хел ба чашми хоҳараш Нодира нигоҳ мекунад? Охирин умеди Нодираро шикастан намехост.

Ба комисариати ҳарбӣ рафта, ариза навишту ба хизмат рафт. Ҳар рӯз аз хоҳарчааш мактуб мегирифт. Нодира ба сарзаниш менавишт:

– Акаҷон, барои чӣ гашта ба хона наомадӣ? Ман туро ёд кардам. Модарам чашм дар роҳ туро интизор.

Баъди адои хизмат Наим ба хона баргашт. Хоҳарчааш духтари қадрасе шуда буд.

Наим медонист, ки аз деҳаи онҳо як қатор ҷавонон ва мардон дар Русия мардикорӣ доранд

ва ба аҳли хонаводаашон тез-тез пул мефиристанд.

Ӯ низ қарор дод, ки ба мардикорӣ мераваду маблағе ба даст оварда, хоҳарчаашро ҷарроҳӣ мекунад.

Ана, ду сол аст, ки дар ҷангалҳои Сибир дарахт мебурад. Маблағе чамъ овардааст. Ба хона низ тез-тез пул мефиристад. Имсол хоҳарчааш бо баҳои аъло мактабро хатм кардааст.

Ду рӯз пеш аз хона мактуб гирифт. Модар навишта буд:

«Писараки азизам, Наимҷон. Шабу рӯз аз даргоҳи Худованд саломатии туро хоҳонам. Дар хунукиҳо худро эҳтиёт кун. Ба мо дигар ҳеҷ чиз даркор нест. Гашта биё. Ба хоҳарат амаки Баҳроми подабон хостгор мондааст. Ҳамсараш баъди касалии дароз аз дунё гузашт. Ҳафт кӯдак дорад. Агар ту розӣ бошӣ, ба аҳли деҳа як табақ нон дода, бе тӯй ӯро ба амаки Баҳром диҳем.

Худи Нодира шабу рӯз кораш гиря. Мегӯяд: «Агар ин корро кунед, ман худамро мекушам».

Писарам, Наимҷон, ту ба хоҳарат навис. Ӯ туро дӯст медорад, аз гапат намебарояд. Бигӯй, розӣ шавад. Охир, ба ин афту андом кадом ҷавон ӯро ба занӣ мегирад? Баҳром 60-сола ҳам бошад, хонаву дар дорад.

Бо эҳтиром, модари ҷигаррехтаву дар ғам олу-

даат Сабоҳат».

Наим саргузашташро ба амаки Иван гуфта, мактуби модарро, ки дар дасташ буд, аз қаҳр ғиҷим кард.

– Ана, амаки Иван, барои чӣ ман шабу рӯз кор мекунам. Он гуноҳеро, ки дар хурдӣ кардам, мехоҳам бишӯям. Охир, духтари 18-сола, наход лоиқи мӯйсафеди 60-сола бошад?

Иван-амак нақли пур аз ғаму дарди Наимро гӯш карда гуфт:

– Писарам, ман метавонам ба ту ёрӣ расонам. Ман ҳам ду фарзанд дорам, ҳардуяшон духтар. Духтари калонӣ Катерина ба наздикӣ номзади илм шуд. Ӯ ҷарроҳ аст. Духтари дуюмам Светлана имсол мактаби миёнаро хатм карда, ба донишгоҳи тиббӣ дохил шуд. Мисли ту табиб шудан мехоҳад. Духтаронам забони тоҷикиро медонанд. Ман, Наимҷон, Тоҷикистонро дӯст медорам. 20 соли ҳаётам дар он кишвари зебо, офтобрӯя, меҳмоннавоз ва биҳиштосо гузаштааст. Ману ҳамсарам Галинаро бо роҳхат ба сохтмони Нерӯгоҳи Норак фиристода буданд. Мо дар он ҷо ҳаёти хеле хуб доштем, мардуми таҳҷоӣ ба мо бисёр меҳрубон буданд. Соли 1993, баъди бесарусомониҳо, аз кишвари шумо ба Сибир баргаштем. Галина баъди як соли баргаштан бемор шуда, аз дунё чашм пӯшид. То лаҳзаҳои охирин ӯ

Тоҷикистонро ба некӣ ёд мекард. Дар марги ӯ худро гунаҳгор ҳисоб мекунам. Агар кӯчида намеомадем, мумкин ӯ бемор намешуд. Фикр мекунам, баъди гармиҳои Тоҷикистон сардии Сибир сахт ба ӯ таъсир кард ва бемор шуд. То имрӯз ман бо рафиқони тоҷикам дар тамос мебошем ва рафтуомад ҳам дорем. Ана, барои чӣ тақдири шумо, тоҷикписарон, маро ба ташвиш меорад.

Иван-амак ғайриихтиёр саргузашташро ба Наим нақл кард. Ӯ худро дар ватани дуюмаш Тоҷикистон медид. Бо Галинаи меҳрубонаш аввалин қадамҳои фарзандонро дидан, аз нахустин ҳарфи ба забон овардаи онҳо завқ бурдан, бо камоли ифтихор онҳоро ба мактаб гусел кардан аз пеши назараш чун лентаи кино гузашт.

– Агар ту розӣ бошӣ, ман бо духтарам Катерина оиди ҷарроҳии хоҳарат маслиҳат кунам?

– Амакҷон, ман ҳамаи пули ғуновардаамро ба шумо медиҳам, як умр хизмататонро ба ҷо меорам, саги даратон мешавам, фақат хоҳарам хушбахт бошад! – гӯён Наим чун кӯдак гирист.

Шаҳри Маскав. Фурудгоҳи Домодедово. Наим, Иван-амак ва духтари хурдии ӯ Светлана ҳавопаймои Душанбе–Маскавро интизоранд. Светлана, ки аз саргузашти Наим огоҳ буд, аз падар хоҳиш кард, ӯро низ бо худ барои пешвозгирӣ

барад. Аз дидори аввал Наим – ин ҷавони қадбаланди абрӯсиёҳ ба ӯ хеле маъқул шуд. Ҳиссиёти аҷибе ӯро фаро гирифт.

– Ассалому алайкум! – гуфта Светлана дасташро барои салом ба Наим дароз кард.

Наим бо забони ширини тоҷикӣ сухан гуфтани Светаро шунида, бо ҳайрат ба ӯ нигарист. Каме дасту по хӯрд.

Иван-амак ин ҳолатро мушоҳида карда:

– Наим, охир, дастатро деҳ, боҷуръат бош, салом кун! – гуфт.

Наим худро ба даст гирифта:

– Ассалом, ман Наим, – гуфт.

Дар ҳамин маврид хабар доданд, ки тайёраи Душанбе–Маскав фуруд омад ва пешвозгирандагон метавонанд мусофиронро истиқбол бигиранд.

Нодира дар байни анбӯҳи одамон бародараш Наимро дида хурсанд шуд.

Онҳо ба назди Екатерина Ивановна рафтанд. Нодираро баъди 15 рӯз ҷарроҳӣ намуданд...

Наим аз пешина дида зиёдтар кор мекард. Мехост ба Иван-амак фаҳмонад, ки барои хоҳараш ӯ ба ҳар кор қодир аст. Ҳар рӯз бо хоҳараш ба туфайли Екатерина Ивановна телефонӣ суҳбат мекард.

Баъди 15 рӯзи ҷарроҳӣ Иван-амак назди мардикорон омада, аз аҳволашон хабар гирифт ва ба

Наим хабар дод, ки охири ҳафта докапеч аз рӯи Нодира гирифта мешавад ва ӯ метавонад ба аёдати хоҳараш биравад...

Наимро, ки бетоқатона дар роҳрави бемористон равуо дошт, ба утоқе даъват карданд.

Хоҳараш Нодира дар назди оинаи калон менишаст. Екатерина Ивановна бошад, докаро аз рӯи ӯ кушода, ба Наим рӯ овард:

– Наимҷон, канӣ, нигар, хоҳаратро мешиносӣ ё на?

Аз оина ба Наим духтари соҳибҷамоле нигариста:

– Акаҷон, ин манам, Нодира! – гуфт.

Нодира ба оина нигариста табассум мекард.

Ин табассуми дил буд.

Екатерина Ивановна ба Наим рӯ оварда:

– Наимҷон, хоҳарат то як моҳи дигар бояд дар муоинаи мо бимонад. Ман медонам, шумо дар ин шаҳри калон ҷои рафт надоред, аз ҳамин сабаб то охири табобат ӯ дар хонаи ман мемонад. Ҳоло бошад, падарам ва Света моро интизоранд, якҷоя ба хонаи мо меравем, баъд бо ту хайру хуш мекунем.

Вақте ки онҳо ба хонаи Екатерина Ивановна расиданд, дарро Светлана кушода, бо табассуми зебое, ки маҳз ба ӯ хос буд, меҳмонҳоро истиқбол

намуд.

Бори дуюм вуҷуди Наимро ҳиссиёти ширине фаро гирифт. Ӯ аз Светлана чашм канда наметавонист. Рӯи сафед, чашмони кабуд, мӯйҳои тилоранг ва табассуми зебои духтар ӯро мафтун карда буданд.

Иван-амак бори дуюм Наимро аз ин ҳолат бароварда:

– Канӣ, меҳмонони тоҷикистонии ман, марҳамат, ба хона дароед! – гуфта ба хона хонд.

Онҳо то поси шаб сӯҳбат карданд. Светлана албоми суратҳояшро, ки дар Тоҷикистон гирифта буданд, ба Наим ва Нодира нишон дод. Аз ҳаёти студентиаш нақлҳои аҷиб кард.

Нодира Светланаро ба Тоҷикистон даъват кард.

– Майлаш, ман ба Тоҷикистон меравам, агар ту ба ман куртаи чакан дӯхта диҳӣ. Ҳамсояамон ба Катя дӯхта буд, азбаски ман хурдакак будам, барои ман надӯхтанд, аз ҳамон вақт орзуи пӯшидани куртаи чаканро дорам.

– Бо ҷону дил, Светаҷон, ман худам бо дастонам чунон куртаи гулдӯзӣ дӯзам, ки дидагӣ ҳайрон шавад. Хизматеро, ки шумо ба ман ва бародарам кардаед, ба як умр ҷавоб гуфта наметавонем.

Светлана ба Наим рӯ оварда гуфт:

– Падарам гуфтанд, ки ту духтур шуданӣ ҳастӣ. Агар хоҳӣ, ман ба ту барои дохил шудан ёрӣ мерасонам. Китобҳои зиёде дорам. Метавонӣ онҳоро истифода барӣ.

Шаби дароз Наимро хоб набурд. Симои модар пеши назараш меомад. Андеша мекард, ки чӣ хел модараш аз дидани Нодира шод мешаваду чӣ хел ӯ донишҷӯ шуда, Светланаро ба Тоҷикистон мебарад ва ӯ дар тан куртаи чакан дар ҳавлии онҳо роҳ мегардад ва ғайраву ғайраҳо.

Дар лабони Наим баъди чанд сол табассум нақш баст…

# МУНДАРИҶА

Аз муаллиф ....................................3

## Масалҳо

Мошон ..............................................6
Рӯзи мавлуди заргӯш ...........................9
Гурги даранда ....................................12
Чоҳкан – зери чоҳ ..............................14
Ору ва шоҳпарак ................................16
Булбул ...............................................18
Ору ва хирс .......................................23
Мӯсича ...............................................24
Рӯбоҳи фиребгар ................................25
Товус.................................................27
Гурба ва саг .......................................29
Шикори гавазн ...................................31
Рафтори хуб .......................................34
Ёрӣ ба модар .....................................36
Сухани сеҳрнок ..................................37
Офтоби оламоро .................................39
Моҳигир .............................................41

Ду бародар .......................................... 43
Мудири ферма ..................................... 48
Рафтори ноҷо ...................................... 55

## Ҳикояҳо

Гули лола ............................................ 58
Гаҳвора, нон, китоб… ......................... 64
Навҳаи асп .......................................... 69
Акаҷон, ин манам, Нодира ................. 75

**Гулчеҳра Муҳаммадиева**

**НАВҲАИ АСП**

*(Масал ва ҳикояҳо барои бачаҳо,
наврасон ва ҷавонон)*

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 26.09.2016 супурда шуд.
Чопаш 30.09.2016 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 6,0.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17-а

Дар чопхонаи «Илм» ба табъ расидааст.